Г. И. Адилова

# ЭҲСОСИ ВАТАН

## МО ВА МУҲИТИ АТРОФ



Г.И. Адилова

# ЭҲСОСИ ВАТАН

## МО ВА МУҲИТИ АТРОФ

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои дуюми мактабҳои тоҷикӣ



*Вазорати таълим ва илми Республикаи Қирғизистон тасдиқ намудааст*

Бишкек
«Инсанат» — 2011

УДК 373.167.1
ББК 26.89. я 721
А 30

Тахти тахрири умумии Шоири мардумии
Республикаи Қирғизистон, доктори илмҳои филология,
профессор *В.И. Шоповалов*

Муқарризон: – *Усмонов А.О.* — номзади илмҳои ҷуғрофия,
профессор;
*Абикова Г.А.* — аълочии маорифи РҚ, омӯзгори
гимназияи миллии компутерии рақами 5.

**Адилова Г.И.**
А-30 Эҳсоси Ватан. Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синф ҳои дуюми мактабҳои тоҷикӣ. – Б: «Инсанат», 2011, – 88 саҳифа.

ISBN 978-9967-439-39-9

## Аломатҳои шартӣ


– дониста гиред


– кӯшиш кунед, иҷро намоед


– бихандед


– ҷавоб диҳед ва савол доданро омӯзед.

А 4306020900-11

УДК 373.167.1
ББК 26.89. я 721

ISBN 978-9967-439-39-9

© Адилова Г.И., 2011.
© Вазорати таълим ва илми РҚ, 2011.
© «Инсанат», 2011.







*Дар расм чиро мебинед? Калимаҳои расмро* ***бихонед.*** *Дар бораи шаҳрҳое, ки дар харитаи Ватанамон ишора шудаанд, чиҳоро медонед?*

Дар ҳаёт бисёр чизро омӯхтан лозим меояд. Бино бар ин, биёед бо кӯмаки китоби дарсии **«Эҳсоси Ватан»**, ки дар даст доред, ба сайёҳати кишвари маҳбуб мебароем. Ва шумо табиати мамлакатамон, фоидаи муошират бо табиат, чӣ тавр эҳтиёту ҳимоя кардани он, ба кӯмаки шумо эҳтиёҷманд будананашро фаҳмида мегиред.

Оре, **Қирғизистон** сарзамини зебо бо ҳавои соф, оби мусаффо ва кӯҳҳои осмонбӯс мебошад.

Дар Қирғизистон қирғизҳо, русҳо, қазоқҳо, ӯзбекҳо, уйғурҳо, тоторҳо, туркҳо, тоҷикон, дунганҳо, немисҳо, украинҳо, белорусҳо ва дигар халқҳо дастҷамъона умр ба сар мебаранд.

*Суханони «Дар муҳити дӯстӣ зиндагонӣ кардан»-ро шумо чӣ тавр мефаҳмед?*

*Ба ин расмҳо **нигоҳ кунед**. Дар байни онҳо оё сурате ҳаст, ки табиати **Қирғизистонро** акс кунондааст? Оё расми ба маҳалли истиқоматиатон монандро мебинед? Дар бораи ҳайвоноте, ки дар расмҳо акс ёфтаанд, чиҳоро медонед? Дар бораи маҳалли истиқоматиатон **нақл кунед!***









Дар куҷое набошед гулҳо, ҳайвонот, дарахтонеро мушоҳида мекунед, ки дар алоҳидагӣ вуҷуд надоранд. Ҳамин тавр, одамон ҳам дар шаҳру ҳам деҳот якҷоя истиқомат мекунанд. Дар якҷоягӣ онҳо аҳолии Ватанамонро ташкил медиҳанд, ки номаш Қирғизистони мо мебошад.

Боигарии асосии мамлакат ин халқҳоест, ки дар **ҚИРҒИЗИСТОНИ** мо истиқомат мекунанд.

## НИШОНИИ ШУМО



*Оё шумо нишонии (адреси) дӯстонатро медонед! Онро ба лифофа **иншо созед**. Лифофаро **харед ва ё созед**.*

*Дар гӯшаи рости поёни лифофа нишонии дӯстатон, дар кунҷи чапи болои лифофа нишонии худро иншо намоед! Оё медонед, ки Ватани мо Қирғизистон мебошад!*

Ин сухани аввалини нишонии шумо. Ҳар як шаҳру деҳот дорои индекси (нишони) почтавӣ буда, аз шаш рақам иборат асту дар гӯшаи чапи поёнии лифофа ҷойгир шудааст.

Иншо кардани ному насаби худро фаромӯш накунед.

*Аз кӣ* ____________________

*Аз куҷо* ____________________

____________________



*Ба кӣ* ____________________

*Ба куҷо* ____________________

____________________





Дафтари кориатонро **боз намуда**, нишонии пурраи худро **иншо намоед** (саҳ. 3).



Аз волидон ва калонсолон дониста гиред, ки ба лифофа кадом индекси почтавиро иншо кардан мумкин аст. Индекси почтавии дӯстатонро дониста гирифта, онро ба лифофа **иншо намоед**.





**Дарси 3**

# МАКОНУ МАНЗИЛ

***Ба расми поёнӣ дида дӯзед! Вай дар бораи табиати Ватанатон — Кирғизистон мебошад.***

Сарзамини мо аз кӯлу дарёҳо ва чашмаҳои соф, кӯҳҳои осмонбӯс, наботот ва ҳайвоноти нодир бой аст. Ва он боигарии асосиамон мебошад. Кӯли зебоямон — Иссиққкӯл саросари дунё машҳур аст. Барои истироҳат ба соҳилҳои он аз мамолики мухталиф бисёр одамон меоянд.



Нақлатонро дар бораи кӯлу дарёҳо идома диҳед. Дар бораи онҳо чиҳоро медонед? Кӯлҳои Қирғизистонро номбар кунед, ки онҳо: *Иссиққкӯл, Чӯтиркӯл, Сонкӯл, Сари Челеканд.*

Дарёҳои Қирғизистон чӣ ном доранд?

Онҳо: *Норин, Чу, Талас, Буур, Кокомерен.*

Кӯҳҳо фасли баҳорон ба бар либоси сабз мегиранд, ҳамчун чарогоҳи чорво истифода мешаванд. Онҳо **яйлов** (чарогоҳ) номида мешаванд.

***Чорводорон кай ба чарогоҳ мераванд? Дар бораи меҳнати чорводорон чиҳоро медонед?***

Номи чарогоҳҳоро бо овози баланд **номбар кунед**: Олой, Оқсой, Арпа, Сарижаз, Суусамир, Карқир, Қора-Шоро.

*Кӯҳсор, дарё ва воҳаҳоеро номбар кунед, ки дар он ҷо истиқомат мекунед. Дар сарзаминамон кадом ҳайвонот дучор меояд? Дар борай ин ҳайвонот чиро медонед?*

Табиати Ватанамон зебову бой аст. Ватанро **макону манзил** меноманд. Дар ин ҷо волидон, пайвандон ва дӯстонатон истиқомат мекунанд.

Он сарзамини ниёгонатон мебошад. Мамлакататон ҳуқуқу озодиатонро ҳимоя мекунад. Беҳуда намегӯянд: «Ватан чун гаҳвора аст!».

Дар мақоли қирғизӣ баён гардидааст: «Ҳалқи беватан нест, ҷавоне нест, ки Ватанашро дӯст надорад».

Дӯст доштани Ватан маънои эҳтиёт кардани замин, табиати нодир, ҳифзу ҳимояи маъворо дорад. Ватани шумо бо меваву сабзавоташ ифтихор дорад.



Ба дафтари кориатон расмҳои меваҳои дӯстдоштаатонро кашед (саҳ.4.).



Бо кӯмаки волидон ё дигар калонсолон таъм, ранги онҳоро пеши **назар оваред**, онҳо чанд навъ доштанашонро **бидонед**.



Дарси 4

## ҚИРҒИЗИСТОН — РЕСПУБЛИКАИ СОҲИБИХТИЁР

*Дар Нишони давлатии мамлакат чӣ акс ёфтанаширо **дарк карда, нақл намоед!** Суруди миллии Республикаи Қирғизистон суруди мутантан оид ба шаҳомати давлатамон мебошад. Матни суруди миллии мамлакат ба қалами кӣ мансуб аст? Мусиқии онро кӣ эҷод намудааст? Суруди миллиро чӣ тавр мешунаванд ва месароянд? Ҷаро дастро ба сари сина мегузоранд?*

### Суруди миллии Республикаи Қирғизистон






1. Фаровонӣ
2. Сулҳу салоҳ
3. Баландӣ
4. Некӣ.
5. Ҳимояи кишвари маҳбуб.
6. Боигарӣ.

*Суханони* *Ж. Содиқов,* *Ш. Кулуев*
*Мусиқии* *Н. Давлесов,* *К. Молдабасанов*

Ак мөңгүлүү аска-зоолор, талаалар,
Элибиздин жаны менен барабар.
Сансыз кылым Ала-Тоосун мекендеп,
Сактап келди биздин ата-бабалар.

*Кайырма:* Алгалай бер, кыргыз эл,
Азаттыктын жолунда.
Өркүндөй бер, өсө бер,
Өз тагдырың колуңда.

Байыртадан бүткөн мүнөз элиме,
Досторуна даяр дилин берүүгө,
Бул ынтымак эл бирдигин ширетип,
Бейкуттукту берет кыргыз жерине.

*Кайырма:*

Аткарылып элдин үмүт тилеги,
Желбиреди эркиндиктин желеги.
Бизге жеткен ата салтын, мурасын,
Ыйык сактап урпактарга берели.

*Кайырма:*

Матнашро аз **ёд карда, сурудани** Суруди миллии Қирғизистронро омӯзед.

# ТАБИАТ — ОЛАМИ АТРОФИ МО

## ТАБИАТ ВА АШЁ

*Дарси 5*

Одамон дар иҳотаи табиат зиндагонӣ мекунанд. Онҳо ҳодисаҳои мухталифро назорат карда, барои дарки он мекӯшанд. Баъд фаҳмиши онҳо ба афсонаву ҳикоя, суруд, мақолу зарбулмасал, чистонҳо ва ғайра табдил мееёбад.

Қирғизҳо бисёр вақт ба бачагон номҳои алоқаманди табиатро мегузоранд. Масалан: Олмагул (гули себ), Ойбек (моҳи пурра), Гулнур (нури гул), Садбарг, Бӯстон, Хуршед, Қамар.

*Дар байни шарикдарсонатон оё шахсе ҳаст, ки номаш ба табиат алоқаманд мебошад? Номи онҳо чӣ маъно доранд? Номҳои онҳоро* ***номбар кунед!***







***Матнро мутолиа кунед.*** *Бигузор шарикдарси ҳамшафататон ба шумо «аз чӣ иборат будани табиат»-ро нақл кунад, шумо бошед фаҳмонда диҳед, ки «ашё чӣ тавр пайдо мешавад?».*

**Чизу чора** тамоми ашёе фаҳмида мешавад, ки дасти одамизод меофарад. Ба ҷуз ин шумо офтоб, моҳ, кӯҳҳо, сангу абрҳо, осмон, барф, дарахт, растанӣ ва одамонеро мебинед, ки ҳамаи онро **«табиат»** меноманд.

Кадом ашёе ҳаст, ки ба шумо хеле муҳиманд? **Номбар кунед. Нақл намоед**, ки онҳо аз чӣ сохта шудаанд. Онҳоро чӣ тавр маҳфуз медоред?

## Дарси 6

***Расмҳоро* муоина кунед *ва* нақл *намоед, ки усто чӣ кор мекунад ва дар расмҳо чӣ инъикос ёфтааст?***



Одамон маснуоти табииро барои тайёркунии ашёи барои зиндагонӣ зарурӣ истифода мекунанд. Барои ин онҳо бояд хусусиятҳои маснуоти табииро оид ба чӣ тавр истифода бурдан донанд.



**Бозичаи** дӯстдоштаи шумо аз кадом маснуот тайёр шудааст? **Нақл намоед.** Дар ин бора аз волидон бипурсед.





## ТАБИАТИ ҶОНДОР ВА БЕҶОН

*Дарси 7*

***Чӣ фикр доред, оё растанӣ дар ҳаракат аст? Ҳаракати онро оё мушоҳида кардан мумкин аст. Бо кӯмаки расмҳо нақл кунед.***



Растанӣ, ҳайвонот, одамон нафас мегиранд, хӯрок мехӯранд, афзоиш меёбанд ва мефавтанд. Онҳо ба **табиати ҷондор** (зинда) мансубанд. Дар расмҳои поёнӣ шумо ҳам табиати ҷондору беҷонро мебинед.



Кӯҳҳо, дарёҳо, санг, офтоб, ситораҳо, ҳаво, об ҳамаи онҳо **табиати беҷонанд.**

Ба дафтари кориатон дар ду сутун ибораҳоеро **иншо кунед,** ки ҳам табиати ҷондору ҳам беҷонро ифода кунанд (саҳ. 8).

Ва ин калимаҳо чунинанд: ***«моҳ», «асп», «кӯҳҳо», «алафҳо», «мурғ», «санг», «тӯб».***

Дарси 8

## МУНОСИБАТИ МО БА ТАБИАТ

Мо табиатро дӯст медорем ва маҳфуз менамоем. Муҳаббат ба озодӣ моро ба кишвари кӯҳсор овард.

«Табиат сарвати бебаҳост».

*Агар касе ягон чизро вайрон кунад ё маҳв созад, чӣ гӯён ба забон мегиранд?* **Расмҳоро қиёс намоед.**





### МЕҲР

Баҳодир дар роҳ гӯнҷишкаки маҷрӯҳеро дид.

Онро ба даст гирифта, сила кард. Ба хона оварда шуста парвариш намуд.

Гунҷишк сиҳат ёфта, ба Баҳодир одат кард. Чиррос мезадагӣ шуд. Бо меҳр будан чӣ қадар хуб аст. Агар Баҳодир паррандаро намедид ва бепарво гузашта мерафт, чӣ мешуд?





Чӣ фикр доред, гунҷишк пеш аз сиҳат ёфтан дар чӣ гуна ҳолат буд? **Нишон диҳед!**

## ЗУҲУРОТИ ТАБИАТ

*Расмҳоро* ***муоина намоед.*** *Онҳо чӣ гуна умумияту фарқияте доранд? Кадом фасли сол ба шумо маъқул аст ва барои чӣ?* ***Нақл намоед.***



Дар расмҳо шумо тағйиротҳоеро мебинед, ки дар табиат рух додаанд. Онҳо «зуҳуроти табиат» номида мешаванд. Ба он инҳо мансубанд: пайдошавии муғчаҳо, афзоиш ва нумӯи растанӣ, хазонрезӣ, ях бастани дарёҳо, боридани барф, паррида омадани паррандагон ва ғайра. Тамоми тағйиротҳои табиат, ки ҳар сол такрор меёбанд, бо фаслҳои сол алоқаманд мебошанд.

### Кӣ оташ мемонад?

– Баъзан замин барфро оё фурӯ намебарад, падар? — пурсид Ойгул.

— Магар фурӯ мебарад? Охир, вай об мешавад.

— Набошад, бар замин кӣ оташ мемонад?

*Т. Кожомбердиев*

Шумо дар ин бора чӣ фикр доред?

**Шеърҳоро дар бораи фаслҳои сол хонед ва ҷавоби расмҳоро дарёбед.**



1. Баҳор омад, табиат
   дилрабо шуд,
   Канори кишвари мо
   пурсафо шуд.



2. Офтоби тобистон,
   Ба сари мо фурӯзон.



3. Тирамоҳи зарнисор,
   хирманаш қатор-қатор.



4. Фасли зимистон омад,
   барфи дурахшон омад.

Тағйиротҳоро пай бурдед? Ана ҳамин тағйиротҳо **зуҳуроти табиат** номида мешавад.

**Дар мо мегӯянд, ки ин тавр мешавад:**

Агар **шӯрнӯлҳо** рост ба лонаашон оянд, баҳор гарм меояд; агар **ҷӯр** аввалин шуда ояд, ҳаво гарм мешавад; агар **қарғаҳо** қар-қар кунанд, борон меборад; агар **тортанак** пурра тор танад, ҳаво мӯътадил мешавад.

Дар матн кадом ибора ҷудо карда нишон дода шудааст? Ва он дар табиат чӣ номида мешавад? Онро ба дафтари корӣ **иншо созед** (саҳ.8).

# ФАСЛҲОИ СОЛ

Дарси 10

*Шумо кадом фаслҳои солро медонед? Нақл кунед. Оё моҳҳои ҳар як фаслро медонед?*

Биёед онҳоро бо забонҳои тоҷикӣ ва қирғизӣ якояк меомӯзем.

| БАҲОР | ЖАЗ |
| --- | --- |
| Март | Жалган куран |
| Апрел | Чын куран |
| Май | Бугу |

Ҷӯҳо равон, офтоб гарм,
Бод фораму сабза нарм.

| ТОБИСТОН | ЖАЙ |
| --- | --- |
| Июн | Кулжа |
| Июл | Теке |
| Август | Баш оона |

Фасли тобистон аҷибу дилрабост,
Даври бозӣ, давраи таътили мост.

| ТИРАМОҲ | КҮЗ |
| --- | --- |
| Сентябр | Аяк оона |
| Октябр | Тогуздун айы |
| Ноябр | Жетинин айы |

Шӯҳрати бисёр дорад тирамоҳ,
Домани пурбор дорад, тирамоҳ.

| ЗИМИСТОН | КЫШ |
| --- | --- |
| Декабр | Бештин айы |
| Январ | Үчтүн айы |
| Феврал | Бирдин айы |

Омад фасли зимистон,
Бачаҳо шоду хандон

Номҳои фаслу моҳҳои солро бо забони қирғизӣ омӯзед.



## МӮЙСАФЕДИ ФОЛБИН

*(Афсона-чистон)*

Як замоне муйсафеди фолбин умр ба сар бурдааст. Вақте ки ӯ дастонашро ба осмон нигоҳ карда, алвонҷ медод, аз остинаш яктогӣ парранда ба парвоз медароманд. Ҳар як парранда номи худро дошт. Ана вай дастонашро алвонҷ дод: се парранда парида рафт. Барф об шуда, саҳроро гулҳои мухталиф фаро гирифтанд. Бори сеюм дастонашро алвонҷ дод: гармо фаро расид, ҳосил пухт. Бори чаҳорум дастонашро алвонҷ дод: ҳаво сардтар гардида, борон борид.

*Се парранда чӣ маъно дорад? Барои чӣ мӯйсафед чор маротиба дастонашро алвонҷ дод? Ҳамагӣ чанд парранда паррид?*

**Нӯҳ фарқияти ин расмҳоро ёбед.**







Дар кадом фасли сол шумо ба дунё омадаед? Номи либоси одамонро дар ин фасли сол ба дафтари кориатон **иншо созед** (саҳ. 9).

## ҲАВО ВА ОБ

**Дарсҳои 11–12**

Дар маҳалҳои «ҳавояш соф» одамон истироҳат карданро дӯст медоранд. Дар он ҷо ғарами ахлотро намебинед, бисёр дарахту гул ва алафҳо мерӯянд.

*Ин қабил маҳалро оё медонед?* ***Нақл кунед.***

### Муамморо дарёбед!

Инсон, ҳайвонот, наботот ҳама нафас мегиранд.

| Ҳ | | | О |

Ҳам калонсолону ҳам хурсолон менӯшанд.

| О | |

***Биёед таҷриба мегузаронем.*** *Нафас бигиред ва ҳаракат намоед, ки дуру дароз нафас набароред. Шумо ба нафасгирии навбатӣ чӣ қадар тоқат мекунед? Чӣ фикр доред, барои чӣ?*



Ҳаво моро аз ҳар тараф иҳота намудааст. Ҳавои соф на таъму на бӯй дорад. Онро дидан ё доштан мумкин нест, вале ҳис кардан имконпазир. Ҳаво барои нафасгирии тамоми мавҷудоти зинда-наботот, ҳайвонот ва одамон зарур аст.

*Барои чӣ қубурҳои дудбарори заводҳо ниҳоят баланд шуданашон лозим? Ба ин савол расмҳои мазкур ҷавоб доданашон мумкин аст.* ***Нақл бикунед, шумо чиро дидед ва мушоҳида кардед?***



Ҳаворо дуди заҳролуд, чангу ғубор, моддаҳои зарарнок ифлос карданашон мумкин аст. Аз ин рӯ, дар заводҳо барои тозакуниии дуде, ки аз қубурҳо мебароянд, ускунаҳои махсусро мегузоранд.

### Дар бораи маънии ин мақол фикр кунед

«Бе об ҳаёт нест, бе меҳнат – роҳат».



Ҳамин тавр, ба тамоми мавҷудоти зинда бисёр оби соф зарур аст. Барои ин аз асбобу ускунаи тозакуниву сарфаи об истифода мебаранд.

Дар боғу қитъаҳои наздиҳавлигӣ, ки меваву сабзавот руёнда мешаванд, барои обшоркунӣ обро истифода мекунанд. Шахсеро, ки бо обшоркунӣ машғул аст, **мироб** ном мебаранд.

Ба мақсади сарфаву сариштаи об дар хонаҳо асбобҳои ченкунӣ гузошта шудаанд.

*Дар маъвои истиқоматии шумоён оё ин гӯна асбобҳо ҳастанд? Дар ин бора аз волидон пурсон шавед.*

### Муамморо дарёбед!

Калимаеро, ки бо ҳарфҳи «К» оғоз меёбанд, дарёбед. Аз он моҳӣ доштан мумкин аст.

К □ □

Калимаеро, ки бо ҳарфи «С» оғоз меёбад, дарёбед. Он аз беобӣ азият медиҳад.

□ □ □ □ О

## ОБУ ҲАВО

***Фикри худро тақвият диҳед. Ба расмҳо назар афканед. Дар он мусаввир ба ҳафт хатогӣ роҳ гузоштааст. Онҳоро дарёбед.***



Маълумоти обу ҳаворо ба воситаи радио ва телевизиор медиҳанд. *Дар кадом вақту соат онро мешунавед? Одатан муошират бо табиат гуфта чиро ба хотир меоваред? Дар ин бора нақл кунед.*



Вазъи обу ҳаворо одатан калимаҳои «кушод», «абрнок», «рутубатнок», «шамолнок» муайян мекунанд.

Вазъи обу ҳаво на танҳо дар фаслҳои сол, балки дар як рӯз ҳам тағйир ёфтанаш мумкин аст. Баъзан офтоб мебарояд, баъзан борон бориданаш мумкин аст. Тағйирёбии ҳарорат, боридани борон, туман, шамол **аломатҳои обу ҳаво** мебошанд.

Одатан баъди боридани борон дар осмон рангинкамон пайдо мешавад, ки дорои ҳафт ранг аст: сурх, норанҷӣ, зард, сабз, кабуд, осмониранг ва бунафш аст.

Шамолеро, ки ҷангу ғубор ва баргҳоро ба осмон бардошта, давр мезанонад, **«гирдбод»** меноманд. Агар дар ҳавои хунук абрҳои софро аз болояшон саросар абрҳои сиёҳ пахш кунанд, дар он сурат боронгарӣ бо раъду барқ якҷоя мешавад.



**Мардум мегӯянд:**

Дар хона нишаста доир ба табиат пешгӯӣ кардан мумкин аст.

Ду-се сарпиёзро гирифта, пардаашро тоза кардан лозим. Қабати болоии сафедашро гирифтан лозим. Агар ин қабат ниҳоят тунук бошад зимистон гарм меояд, барф ба тезӣ об мешавад. Агар ин қабат ғафс асту бо душворӣ гирифта шавад, бидонед, ки зимистон қаҳратун меояд.

Тирамоҳ ба мӯрчахона дида андозед, агар он ҳар қадар баландтар бошад, зимистон қаҳратун меояд.

*(Аз маҷаллаи «Байчечекей»).*

*Асбобу ускунаҳои маълумотдиҳии обу ҳаво дар куҷо гузошта шудаанд? Онҳо барои чӣ заруранд? Одамон маълумотҳоро чӣ тавр пайдо менамоянд? Дар ин бора* ***нақл намоед.***









Илме, ки обу ҳаворо меомӯзад, **метеорология** номида мешавад. Олимони метеролог вазъи обу ҳавои саросари Заминро меомӯзанд ва пешгӯӣ карданро омӯхтаанд.

Аз радио, телевизиор маълумоти обу ҳаворо шунавед. **Нақл бикунед,** ки фардо вазъи обу ҳаво чӣ тавр тағйир меёбад?

## ҲАРОРАТ ВА ҲАРОРАТСАНҶ

*Дарси 14*

*Ба фикри шумо асбобу ускунаҳоеро, ки дар расмҳои саҳ. 22. мебинед, барои чӣ лозиманд?* ***Дар ин бора нақл намоед.***

Вақте ки мо вазъи об ва ҳаворо ба хотир мегирем, филфавр ҳароратеро пеши назар меоварем, ки ба воситаи асбобҳои махсус чен карда мешаванд. Асбоберо, ки бо кӯмаки он ҳарорат санҷида мешавад, **ҳароратсанҷ** меноманд. Ҳароратсанҷҳо рутубатнок ва спиртӣ мешаванд.

Асоси ҳароратсанҷро қубурчаи шишагин ташкил дода, рутубат ва ё спирти моеи рангкардашударо дорад. Ҳангоми тафсидан ва ё сардӣ онҳо ба воситаи қубурча ҳаракат намуда, дар ҷадвал ҳароратро нишон медиҳанд.



Тақсимоти ҷадвал дар сатҳи ҳамвор ҷойгир шуда, ҳарорати муҳити ченшавандаро нишон медиҳад. Ҳар як тақсимоти калон ба як дараҷа баробар аст.

«О»-сифр дар мобайни ҷадвал буда, тақсимотест, ки болояш гармӣ, поёнаш хунукиро мефаҳмонад.

**Таҷриба бо ҳароратсанҷ.**

1. Ҳароратсанҷро ба стакани обаш хунук фурored. Чӣ рух медиҳад? Моеъи ҳароратсанҷ ба кадом самт ҳаракат намуд?

2. Ҳароратсанҷро ба стакани обаш гарм фурored. Чӣ гуна тағйирот рух дод?

Моеъи қубури ҳароратсанҷ ба куҷо ҳаракат намуд?



Ҳангоми ченкунии ҳарорат гармӣ бо аломати «+» аз болои «0» ва хунукӣ бо аломати «−» аз поёни он гузошта мешавад. Ба ҷои калимаи «дараҷа» ҳалқачаи хурдро мегузоранд. Масалан: +5° (панҷ дараҷа баланд аз сифр). Ҳарорати мӯътадили бадани инсон +36,6 (сиву шаш ва шаш дараҷа) мебошад. Агар ҳарорати инсон аз +37 дараҷа баланд бошад, маънои мариз гаштани онро медиҳад.

Агар ҳарорат +100° шавад, дар он сурат об меҷӯшад. Барои донистани ҳарорати об ҳароратсанҷро аз об набардошта муоина кардан лозим.

Шакли ҳароратсанҷро аз картон созед.

# ТИРАМОҲ — ФАСЛИ НЕЪМАТБАХШ

*(Сайёҳат)*

## ТАБИАТИ БЕҶОН ДАР ТИРАМОҲ

Дарсҳои 15–16

*Тобистони гузашта маҳалли истиқоматиатон ва ё маскани истироҳатиатон чӣ гуна буд? Баъди ба тирамоҳ табдил ёфтани тобистон чӣ гуна тағйиротҳо ба амал омаданд?* ***Қиёс намоед!***



Тамоми гирду атроф ранги зард ва зарринро ба бар мегирад. Ранги гандум зард мешавад. Баргҳои дарахтон ба зардшавӣ шурӯъ мекунанд ва хазонрезӣ сар мешавад. Тамоми меваву сабзавот пухта мерасад. Аз ин рӯ, ин фаслро **«тирамоҳи заррин»** меноманд.

**Ин фаслҳои солро қиёс намуда, худро озмуда бинед:**







| Тобистон | Тирамоҳ |
|---|---|
| Рӯзҳо дарозу гарм аст. | Рӯзҳо кӯтоҳ мешаванд. |
| Дурудароз борон нест. | Борон дуру дароз меборад. |
| Оби наҳрҳо гарм аст. | Туман сар мезанад. |
| Оббозӣ кардан мумкин. | Раъду барқ камтар аст. |

*Чаро баргҳои аз ҳама болои сафедор нисбати дигарон дертар зард мешавад?*





*Ҳавои тобистон чӣ гуна аст? Дар тирамоҳ-чӣ? Шумо дар ин айём чӣ гуна либосро ба бар мегиред. Дар бораи мушоҳидаҳоятон* ***нақл кунед.***

**Оё медонед, ки “витамин” чист?**

Дар замонҳои қадим, вақте ки одамон ин калимаро намедонистанд, баҳрнавардони аз сафари дуру дароз баргашта ба маризии номаълум дучор гаштанд.



Баҳрнавардони бақувват нобаҳангом суст гаштанд, милкҳои дандонашон хун гардида, дандонҳояшон афтодан гирифт. Вале онҳо ба соҳил баргашта, ба хӯрдани карам, пиёзи кабуд ва картошка шурӯъ намуданду якбора аз маризие шифо ёфтанд, ки ҳамон айём «санга» меномиданд.

Маълум гардид, ки дар орд, биринҷ ва гӯшт барин озуқаворӣ моддаи номаълуме намерасидааст. Олимон ин моддаҳоро ҷудо карданд ва ба он «витамин» ном гузоштанд. Аз ҳамон давр одамон дониста гирифтанд, ки меваву сабзавот дорои витаминҳои зарурӣ будаанд.

Таҳти мавзӯи «Тирамоҳ – фасли неъматбахш» нақл нависед.

# Дарси 17 ТАБИАТИ ҶОНДОР ДАР ТИРАМОҲ

***Аз ёд кунед:***

Тирамоҳ омад ба дашту кӯҳсор,
Ҳосили полизу бӯстон бешумор.

*Сухан дар бораи кадом меваву сабзавот меравад? Номи онҳоро* ***бо овози баланд*** *такрор кунед.*

**Ангур**





Ангурҳои ҳусайнӣ, кишмишӣ, сафеду сиёҳ, васарға, соҳибӣ, тоифӣ, бахтиёрӣ, маска, тагобӣ, шибирғонӣ, чашми гӯсола, дили кафтар ва ғайра аз ангурҳои беҳтарин ба шумор меравад. Мавизи кишмиши сиёҳ ва мавизи соягии кишмиши сафед дар тамоми дунё беҳтарин ба шумор меравад.

**Сабзӣ** ҳам сабзавоти хушхӯр ва сервитамин аст.



Шумо ибораҳои **«тирамоҳи заррин»**, **«тирамоҳи серҳосил»**-ро чӣ тавр мефаҳмед? Бо шарикдарсатон мубодилаи афкор намоед!







# БОДИРИНГ ВА КАРАМ

*(Афсонаи халқии немис)*

Бодиринг ва карам то ин дам дӯстони ҷонӣ буданд. Боре онҳо барои оббозӣ ба наҳр рафтанд. Бодиринг филфавр ба об ҷаҳид. Карам то ҷомаи навадқабатаашро кашидан офтоб нишаст. Бодиринг дӯсташро дар об дуру дароз интизор шуда хунук хӯрд. Аз оби хунук пӯсти бодиринг ғадур-ғудур гашт. Аз ин рӯ бодиринг ғадур-ғудур аст.





*Чистонҳоро ёбед:*

Замин заранг аст,
Пистоқиранг аст,
Ҳар кас наёбад,
Марди гаранг аст.

Як ваҷаб қад дорад.
Сад қат ҷома дорад.

5 барги дарахтони мухталифро **ҷамъ оваред.** Онҳоро ба вараќи албоматон ба сифати гул ширеш кунед.

## ПАРРАНДАГОН ДАР ТИРАМОҲ

*Ба расми паррандаҳо назар афканед. Кадом парранда-ро бо чашми хеш дидаед. Кадом паррандаҳоро медонед? Ба фикри шумо, паррандаҳои дар расм аксёфта дар кучо зиндагонӣ мекунанд? Овози онҳоро оё шумо шунидаед? Барои такрор кардани овози онҳо ҳаракат намоед. Боз кадом паррандаҳоро медонед?*




**Хотираро мустаҳкам мекунем.**

Маводи мухталифро ба болои парта паҳн намоед. Бигузор рафиқатон ба онҳо 5 сония назар афканад. Аз ӯ **илтимос намоед,** ки чашмонашро пӯшида маводи дидаашро ҳар чӣ бештар **ба забон гирад.** Барои мустаҳкамкунии хотира ҳамин тавр машқ кардан лозим аст.

*Чаро паррандаҳоро парвозкунанда меноманд? Ба фикри шумо онҳо фасли зимистонро дар куҷо мегузаронанд? Дар бораи он маводи хондаатонро* ***нақл карда диҳед.***

*Дар бораи паррандаҳо матнро* ***қироат намоед.***

Зимистон ба кишвари мо аз шимол лаклак, зоғ, ўрдак ва дигар паррандаҳо паррида меоянд. Дар ҷангалзорҳои кўҳӣ севгар ва зарғилдоқро дидан мумкин аст. Онҳо бо маводи аз растаниҳо боқимонда ва ҳашарот озуқа мехўранд.

Охири моҳи июл ё август ба кишварҳои гарм булбул, турна, фароштурук ва дигар паррандаҳо мераванд.

Сабаби рафтани онҳо дар ин мебошад:

— Рўзҳои равшани тирамоҳ кўтоҳ мегарданд ва онро паррандагон пай мебаранд.

— Ҳаво хунук мешавад, қишри замин ях мебандад, решаи дарахтон обро бад фурў мебаранд.

— Вақте ки хунукӣ сар мезанад, ҳашарот дар қабати пўсти дарахтон, хок, зери баргҳо пинҳон мегарданд.

— Паррандагон аз хўроки фаровон маҳрум мешаванд.

**Тезгўяк**

Тиқ-тиқи соат,
Чиқ-чиқи гунҷишк,

...Ман олу хўрам ту нок,
Ту нок хўрӣ, ман олу.
Сангу сангча дар санглох.



Аз пластилин паррандаи дўстдоштаатонро **созед.**







*Дарси 1*

# РАСТАНИҲО

## РАСТАНӢ ВА СОХТИ ОНҲО

*Чаро растанӣ ба табиати ҷондор **мансуб аст?***
*Қисмҳои растании расмро дар катакҳо ҷойгир созед.*

1. р г у а
2. т а н а
3. б а б г
4. г о л
5. м + г а




Растанӣ **реша, поя (тана) барг, гулу мева** дорад.

Рӯзона таҳти таъсири равшанӣ ва бо иштироки моддаи сабзи баргҳо «хлорофилл» гази карбонро фурӯ мебарад, ки тамоми организми ҷондор мебароранд ва оксиген ҳосил менамоянд, ки ҳама аз он нафас мегиранд.

Растанӣ баробари ин қад кашида, дар он гул, баъд мева ҳосил мегардад: меваҳо, сабзавот, ғалла, зироати хӯрокӣ.



*Кадом қисми растанӣ дар болову кадомаш дар замин ҷойгир шудааст? Аҳамияти ин равобитро **тавзеҳ диҳед!***



Гули дӯстдоштаатонро дар дафтари корӣ кашида, **ранг кунед** (саҳ. 14).





# ГУНОГУНХЕЛИИ РАСТАНИҲО

Дарси 2

*Дар маҳалли истиқоматиатон растаниҳои гунугунхел мерӯянд. Онҳо чӣ намуд доранд ва чӣ тавр номгузорӣ шудаанд? Онҳоро дар ҳаёт чӣ тавр истифода мебаранд?* ***Нақл намоед:*** *онҳо чӣ гуна фоида меоваранд?*

*Растаниҳо ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд?* ***Ҳисоб кунед.*** *Онҳоро чӣ гуфта номбар менамоянд? Монандӣ ва фарқияташон дар чист?* ***Қиёс намоед.***

Ҳарфҳои заруриро ба катакҳои холӣ гузоред!







1. Д□□□□х□т. 2. Б□□т□а. 3. А□□□ф.

Растаниеро, ки танаи ғафс ва навдаҳо дорад, **«дарахт»** меноманд.

Дарахтон танаву навдаҳои сахтро моликанд. Навдаҳо аз замин тез сабзида, шохаҳоро ҳосил менамоянд. **Буттаҳо** танаи бисёр ва навдаҳои борик дошта, бештар ба замин наздиканд.

Растаниҳои хурдеро, ки пояи мулоиму чандирӣ доранд, **алаф** меноманд.

Ҳамин тавр, тамоми растанӣ вобаста ба намуди беруниашон ба «дарахтон», «буттаҳо» ва «алафҳо» тақсим мегарданд.





*Дарси 3*

# ДАРАХТОНИ СЎЗАНБАРГ ВА ПАҲНБАРГ

*Аз расм барги растаниеро **ёбед**, ки дар шафати ҳавлиатон мерўяд. Барои чӣ барги онҳо тобистон сабзу тирамоҳ зард мешаванд? **Сабабашро тавзеҳ диҳед.***



Рақсему бозем,
Дар гирди арча,
Хурсандӣ созем,
Дар гирди арча.

Дарахтон ва буттаҳоеро, ки баргашон шакли сафҳа (пластинка)-ро дорад, **паҳнбарг** меноманд. Дар баргҳо оё рагчаҳоро пай бурдаед? Ба воситаи рагчаҳо ғизои зарурӣ ба растанӣ ворид мешавад.

*Аз расмҳо дарахтони сӯзанбаргу паҳнбаргро* ***ёбед.*** *Онҳо монананд ва ё фарқияте доранд? Ба чӣ монанд ҳастанд? Онҳоро чӣ гуфта номбар менамоянд? Дар ин бора* ***нақл намоед.***





Баргҳои шаклашон шабеҳи сӯзанро **сӯзанбарг** меноманд. Аз ин рӯ, **арча** ва **коч (ель)-ро дарахтони сӯзанбарг** меноманд.



**Чистонро ёбед:**

Зимистону тобистон
Дар бар дорад як ҷома.

□□□□



Шохчаи арчаро месӯзанд ва бо дуди он биноро фаро мегиронанд. Моддае ҷудо мешавад, ки ҳаворо тоза карда, бактерияҳои маризоварро мекушад. Чунин хусусиятро сарпиёз, саримсоқпиёз (сир) ва барги чормағз дорост. Аз барги чормағз митта метарсад. Дар зери дарахти булут кайкро пайдо кардан мумкин нест.



Аз барги дарахтони сӯзанбарг расм **тайёр кунед** ва онҳоро ба вароқи албоматон ширеш намоед.



Дарсҳои 4–5

## РАСТАНИҲОИ ЁБОӢ ВА МАДАНӢ

*Растаниҳоеро номбар кунед, ки дар расмҳо акс ёфтаанд. Растаниҳо ба кадом гурӯҳҳо тақсим шудаанд? Сараввал растаниҳои ёбоӣ ва сипас маданиро номбар кунед.*

**Дарахтон**

Ёбоӣ





Маданӣ





**Буттаҳо**

Ёбоӣ



Маданӣ





**Алафҳо**

Ёбоӣ



Маданӣ











Растаниҳоеро, ки дар кӯҳу ҷангалзор, қад-қади дарёҳо, марғзор мерӯянд, **ёбоӣ меноманд.**

Растаниеро, ки инсон махсус дар саҳро барои ба даст овардани озуқа ё худ зебогӣ дар хиёбонҳо, ҳавлиҳо, хонаҳо парвариш мекунад, **маданӣ меноманд.**

***Барои чӣ барги гулҳои хонагӣ ба сӯи офтоб менигаранд? Сабабашро ёбед.***



3

Растаниҳои дар расмҳо аксёфтаро **доругӣ** меноманд, ки барои табобати маризиҳо истифода мебаранд.



1

1. Гулҳои сафеди **бобуна** ҳарорати одами маризро паст мекунад.

2. Шарбати **настаран** барои табобати ҷигару гурда истифода мешавад.

3. Шарбати **ангатро** барои табобати маризии меъдаву рӯдаҳо истифода мебаранд.



2

Меваҳои дӯлона, олуча, анор, зардолу хусусияти табобатиро доранд.

---



Растаниҳои доругиро дар кӯҳо мушоҳида кардан мумкин аст? Онҳоро чӣ тавр истифода мебаранд? **Нақл кунед.** Онҳоро аз расмҳо **дарёбед.**







*Дарси 6*

## РАСТАНИҲОИ ХОНАГӢ

*Бисёр одамон дар хонаашон гул парвариш мекунанд. Дар хонадони шумоён оё ягон навъ гулро меруёнанд? Онро чӣ тавр парвариш менамоянд?* ***Нақл намоед.***

*Гулҳои дар расмҳо аксёфтаро* ***номбар кунед.*** *Аз гулҳои хонагӣ чӣ гуна навъе ҳаст?*

3 1 2



1. Алоэ 2. Бунафша 3. Анҷабар

***Матнро қироат намоед.*** *Ба писарбача ва духтарбачае, ки дар паҳлӯятон менишинанд, ин қоидаҳоро* ***бозгӯ намоед.*** *Ба онҳо акси гулҳоро нишон диҳед. Ба саволҳои онҳо* ***ҷавоб гардонед.***

Гулҳои хонагӣ ҳавои хонаро тоза намуда, ба он ҳусни тоза мебахшанд. Ин анъана аз мамлакатҳои иқлимашон хунук, ки чун доругии хона маъмул буд, ба мо расида омадааст? Оқибат, растаниҳоро барои зебоғӣ ҳам парвариш мекардагӣ шуданд. Гулҳоро чун тӯҳфаи гаронбаҳо тақдим ҳам мекунанд.

Барои он ки растаниҳо худро хуб ҳис карда, мариз нашаванд, қоидаҳои дар хона парвариш кардани онро қироат намоед:

—зарф ба гул мувофиқи ҳаҷмаш бояд мувофиқат кунад;

—хоки гулҳои хонагӣ мудом бояд намнок, нарм ва ғизонок бошанд;

—ҳарорати хона барои гулҳо зимистон +15° ва тобистон +20° дараҷа бояд бошад;

—чанги гулҳоро бо латтаи нам тоза намоед.

## КОРИ АЙБ



Дар як харак ду мактабхон нишастаанд. Сӯҳбаташон хеле тафсон, як даҳон гап мезананду як дона писта шикаста, пӯчоқашро ба замин мепартоянд. Аз пӯчоқи писта гирду атрофашон аллакай пур шудааст.

Дар паҳлӯи ҳамон харак дар масофаи ним метр аз онҳо қуттии ахлот гузошта шудааст. Мусоҳибон онро намебинанд ё худ дидан намехоҳанд. Аммо ба ин воқеа бодиққаттар назар кунем, мебинем, ки айби ин ду нафар хурд нест.

*Ин рафтори ду мактабхонро чӣ тавр арзёбӣ мекунед?*



Гули офтобпараст аз субҳи содиқ ба шарқ, ба тулӯъи офтоб нигаронда мешавад. Бегоҳӣ ба ғарб ба сӯи офтобшинам тоб мехӯрад. Аз ин рӯ онро офтобпараст меноманду аз тухмии он равған, ҳалво мегиранд, пистаро бисёриҳо шикаста мехӯранд. Пояи хушки офтобпарастро ҳамчун сӯзишворӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Ҷавоби чистонҳои мазкурро дарёед?**

Кулчаяки бомазза,
Дар офтобак мепаза,

Донаҳояш равғанин,
Ҳалвояш хеле ширин.

# ҲАЙВОНОТ

*Дарсҳои 7–8*

## ҲАЙВОНОТИ ВАҲШӢ ВА ХОНАГӢ

*Ҳайвоноте, ки дар расмҳо акс ёфтаанд, дар куҷо зиндагонӣ мекунанд? Онҳоро оё ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст?*

*Дар расмҳо оё ҳайвонотеро пайдо кардан мумкин аст, ки дар шафати шумоён зиндагонӣ мекунанд? Номҳои онҳоро ба* ***забон гиред.*** *Дар бораи ғамхориатон ба онҳо* ***нақл кунед!***





Аз пластилин тарҳи ҳайвони дӯстдоштаатонро **сохта бинед.** Он барои чӣ ба шумо мақбул аст. **Нақл намоед.**





Ҳайвонотро, чун паррандагон, моҳиҳо, курбоққаҳо, морҳо, гургҳо, рӯбоҳҳо, шеру палангҳо, ки дар ҷангалзору кӯҳсор зиндагонӣ карда, бидуни кӯмаки одамизод ҳаёт ба сар мебаранд, **ҳайвоноти ваҳшӣ** меноманд.

Ба ҷумлаи **ҳайвоноти хонагӣ** модаговҳо, гӯсфандон, мурғҳо, гурбаву аспҳо ва ғайра мансубанд. Онҳо якҷоя бо инсон умр ба сар мебаранд.

Ҳайвоноти хонагӣ ба инсон **шир, гӯшт, равғану қаймоқ** медиҳанд.

Занбӯри асал асал медиҳад. Аспу хар ҳамчун воситаи нақлиёт истифода мегардад.



Мушҳо, тортанакҳо, нонхӯракҳо ба ҷумлаи ҳайвоноти хонагӣ мансуб нестанд. Онҳо дар таҳхонаҳо, шифту сақви хонаҳо, ахлотхонаҳо зиндагонӣ мекунанд. Рафтор, тарзи зиндагонии онҳоро олимон ҳатто дар лабораторияҳо озмуда мебинанд.

**Чистонҳо:**

Охурчаи пастак,
Хӯтукчаи мастак.

Аз ин ҷо то Бухоро хона дорад,
Басе нуқлу мавизу дона дорад.

*(mћуМ)*

**Матнро хонед ва ба саволҳо ҷавоб гардонед!**



**Кит**

Кит ҳайвони обии калон аст. Вай дар баҳр ва уқёнусҳо зиндагӣ мекунад. Дарозии кит бисту панҷ метр ва аз он ҳам зиёдтар мешавад. Вазнаш яксаду бист ҳазор килограмм ва аз он ҳам бештар мебошад. Ба даҳони кит як қаиқи чилкаса ҷойгир шуда метавонад. Китро барои равғанаш сайд мекунанд. Ҳар як кит аз бисту ду ҳазор то сӣ ҳазор килограмм равған медиҳад.

Кит чӣ гуна ҳайвон аст? Кит дар куҷо зиндагонӣ мекунад? Вазнаш чӣ қадар аст ва ба кадом миқдор равған медиҳад?



# АСП ВА ХАР



Аспе дар як марғзори васеъ ва сабзу хуррам бофароғат мечарид. Марғзор ҷои хубе буд. Худро озод хис мекард. Шикамаш доимо сер буд. Парвое надошт.

Вале боре гузари харе ба он ҷо афтод. Хар дид, ки марғзор хеле васеъ аст, алафаш ҳам бисёр асту ҳам ба вай ва ҳам ба асп мерасад. Ва ӯ қарор дод, ки дар ин ҷо бимонад. Ин ба асп маъқул нашуд. Вай мехост соҳиби яккаву ягонаи марғзор бошад. Аммо намедонист, ки харро чӣ тавр пеш кунад ва барои ёрӣ ба одам муроҷиат намуд.

—Агар туро лаҷом зада савор шавам, он гоҳ харро аз ин ҷо пеш карда метавонам, — гуфт одам.

Асп розӣ шуд. Одам ӯро лаҷом зада савор шуд.

Одам харро зада пеш кард. Лекин аз ҳамон вақт худи асп ҳаёти озодонаашро аз даст дод ва ба хизмати одам даромад. Вай то имрӯз чун хар ба одам хизмат мерасонад.

*Аз маҷалла.*

Кадом ҳайвонот хонагӣ номида мешавад?

Кадом ҳайвонотро ваҳшӣ гуфта ном мебаранд?

# ҲАЙВОНОТИ ВАҲШӢ

*Дарси 9*











**Санҷоб** чалғӯза, чормағз, шукуфа (муғча), шохчаи наврас ва меваи растаниро тановул менамояд. Вай аввали тобистон занбӯруғҳоро ҷамъ оварда, хушк карда, онҳоро дар чалғӯзаи дарахтон пинҳон мекунад.

**Харгӯш** барои худ ғизо тайёр намекунад. Тобистон бо алаф, пӯсту навдаҳои буттаҳои ҷавон, зимистон бо пӯстлохи дарахтон шикамашро сер мекунад.

**Гургу рӯбоҳ** зимистон хоб намекунанд, ҳайвоноти нисбати худ сустро шикор менамоянд. Рӯбоҳ одатан мушҳоро зери барф ҷустуҷӯ менамояд, ҷои зисти доимӣ надорад, дар хонаи партофтарафтаи дигар ҳайвонот умр ба сар мебарад.

**Хирс, қашқалдоқ, суғур** ба зимистон ғизо тайёр намекунанд. Онҳо тобистону охири тирамоҳ дар тан равған ҷамъ оварда, зимистон дар хонаву маъвои худ хоб мераванд.



**Суғур** лонаи ниҳоят чуқур кофта, онро ба чанд қисм тақсим менамояд, «хобгоҳаш»-ро бо алафи хушк пур мекунад. Вай дар тӯли шаш моҳ дар зери замин хоб мекунад. Ба ягон ҷо намебарояд. Аз ин рӯ, беҳуда намегӯянд: чун суғур хоб мекунад.

**Чистонҳоро ёбед:**

Аз кӯҳ баромад мири ганда,
Сар то қадамаш ҷомаи ҷанда

Лоласурхак,
Ағбаҷаҳак.







## ҲАЙВОНОТИ ХОНАГӢ

*Оилаатон ва ё шиносҳоятон чӣ гуна ҳайвоноти хонагиро парвариш менамоянд? Ҳайвоноти хонагӣ ба кадом гурӯҳҳо тақсим мешаванд? Ҳайвоноти хонагиро бо кадом ғизо парвариш мекунанд? Онҳоро чӣ тавр нигоҳубин менамоянд? Дар ин бора* ***нақл намоед.***

Гӯшт ва шир озуқаи асосии чорводорон аст. Ҳатто бачагон хуб медонанд, ки ин ё он узви чорворо **чилик** меноманд. Вақте ки гӯштро мепазанд, **ӯстукан** (устухон) — таоми гӯштинро пешкаш мекунанд.





Дар саҳифа расми чанд ҳайвонот дода шудааст. **Ҳисоб кунед** ва **бигӯед,** ки онҳо чандтоянд? Чӣ ном мебаранд? Овози ҳайвоноти дӯстдоштаатонро **тақлид намуда,** рафторашонро нишон диҳед.



***Ҳар кадом ягон нақш: асп, саг, модаговро* ба ичро *расонед.***

## ҲАВЛӢ-БОҒИ ҲАЙВОНОТ



Дар як тараф катакҳои қатор буд, ки дарунашон харгӯшу харгӯшчаҳои зебо зиндагонӣ мекарданд. Дар поёни он мурғакони ҳаррангаи хушрӯе ҷойгиранд. Дар болохона кабӯтарҳои бисёре, ки ҳар замон мепариданд, менишастанд. Дар дигар тараф оғилхонаи калони барҳавое буд, ки дар он гӯсфанду баррачаҳо, бузу бузғолаҳо мехобиданд. Дар таги долон як қафаси кабк овезон. Алқисса, ҳавлии бобоҷонам гуё боғи ҳайвонотро ба хотир меовард.

*Аз маҷалла*

Шинад – қадбаланд,
Хезад – пакана.

*(Саг)*



Аз калонсолон пурсед, ки масалан чун устукан **каллаи гӯсфанд** ё худ **ҷомбош** ба кӣ пешкаш мегардад, Чун одат меҳмонро бо чӣ меҳмон мекунанд?







Модагову гӯсфандон, бузҳо дар чарогоҳ мечаранд, мурғу мурғобӣ, ғозу мурғи марҷон аз ҷӯю заҳбур, каналҳо ғизои худро пайдо мекунанд.



Тирамоҳ вақте ки алафҳо мехушканд чорворо бо ему хошок парвариш менамоянд.

Ҳайвонот зимистон дар ҷои гарм нигоҳ дошта, онҳо алафи хушк ва хошоки дағал мехӯранд.

Ҳайвоноти хонагӣ ба инсон ба тезӣ унс мегирад ва ишораи онро ба осонӣ дарк менамояд.

Тирамоҳ ҳайвоноти хонагӣ ҳам чун ҳайвоноти ваҳшӣ мӯю пашми худро тағйир медиҳанд.

Ҳайвоноти хонагӣ гӯшт, равған, шир, пашму пӯст, тибит медиҳанд. Аз шир айрон, қаймоқ, қурут, чолоб тайёр мекунанд.

Аз шири байтал қимиз омода мегардад, аз гӯшташ бешбармоқ ва дигар таоми хонагӣ тайёр мекунанд.





Қӯтос дар кӯҳсори баланд зиндагӣ мекунад. Дар бораи он чизи донистаатонро **нақл кунед.**





# АСП — ПАРУ БОЛИ ИНСОН



*Чаро одамон аспро парвариш мекунанд? Оё шумо ба асп савор шудаед? Дар бораи асп чизи донистаатонро **нақл намоед!***

*Фарқияти синну соли ононро **номбар кунед.***

Агар ба асп савор шавед, роҳ кӯтоҳ мегардад, бо он борро ҳам мекашонанд, чун воситаи нақлиёт ҳам хизмат расонданаш мумкин.

Одамонеро, ки аспонро барои давондан омода месозанд, **«чапандозон»** меноманд.




1. Той.
2. Яксола.
3. Дусола.
4. Сесола.
5. Панҷсола (асп).

*Аз расм мувофиқи тартиби рақамҳо анҷоми аспро номбар кунед:*






1. Зин.
2. Гургӣ.
3. Қамчину нӯхта.
4. Болин.
5. Лаҷом.
6. Камарча.
7. Рикоб (узангӣ).
8. Пордум.

## САГ ВА ГУРБА

*Дарси 11*

*Барои чӣ одамон сагу гурбаро мепарваранд? Шумоён оё саг ва ё гурба доред? Лақаби сагу гурбаҳоятон чист?* ***Нақл кунед.***

**Ба инҳо ҷавоб гардонед:** Гурбаи мошон шаш бача доштаст, яктои онро зардак номидааст... Номи гурбачаҳои дигарро худатон мустақилона гузоред.



1



2



3



4

Меравад-меравад, ғалбер барин ҷойро гирифта хоб мекунад?



5

1. Саги тозии Гамилтон
2. Саги тозии немисӣ
3. Тайгани қирғизӣ
4. Гурбаи сиамӣ
5. Гурбаи амрикоӣ

Саг дӯсти инсон мебошад. Тамоми чизу ҷораи хонаро аз паррандагони мухталиф ҳимоя мекунад. Ҳифзи хонадон ҳам дар зиммаи ӯст. Ба шикорчиён ҳамроҳӣ мекунад. Сагро барои иҷрои бисёр амалҳо ёд додан мумкин аст. Фармонҳои «овару бар»-ро иҷро мекунад. Сагҳои тозӣ ба милисионерон дар бобати доштани қонуншиканҳо кӯмак мерасонад. Тайганҳои қирғизӣ шикорчиёни чолоку зиракmajанд.

Гурбаҳо дар назди инсоне шуданро дӯст медоранд, ки мудом ӯро сила мекунад. Гурбаҳо дар хонадонҳо зиндагонӣ карда, муш ва калламушҳоро бераҳмона қир мекунанд.

# ТАБИАТ ДАР ЗИМИСТОН

(Сайёҳат)

*Дарсҳои 12–13*

## ТАБИАТИ БЕҶОН ДАР ЗИМИСТОН

*Нишонаҳои айёми зимистонро аз расмҳо* ***доништа гиред.*** *Барои чӣ дар зимистон ҳаво сард аст?*





Чаро «Соли нав»-ро таҷлил менамоянд? Дар ин расмҳо чиҳоро мебинед? **Нақл кунед.** Фарқияти байни табиати ҷондору беҷони табиатро аз расмҳо **номбар кунед.**

# ТАБИАТИ ҶОНДОР ДАР ЗИМИСТОН



**Матнро бодиққат хонед:**

Дар бешазорҳои Қирғизистон хирсҳое вомехӯранд, ки вазнашон аз 300 килограмм зиёдтар буда, ғизояшон мева, реша, чормағз, чалғӯза, инчунин ҳашароту хазандагон аст.

Хирсҳо аз тирамоҳ то охири баҳор ба хоби зимистона мераванд. 30—40 сол умр мебинанд.

***Бигӯед, чаро дар зимистон растаниҳо дар зери барф сабз боқӣ мемонанд? Баъди мутолиаи матн сабабашро бигӯед.***

Дарахтони сӯзанбарг, ғалладона, баргҳои бехмеваҳо зимистон сабзанд. Дар атрофи онҳо сӯзанбарги хушку сиёҳро дидан мумкин аст. Он маънои маҳви сӯзанбаргҳои кӯҳна, сабзидани баргҳои навро дорад.



Зимистон дар гирду атрофи дарахтони паҳнбарг меваву ғунчаи онҳоро дидан мумкин аст. Масалан, меваи сурхиаш баланди ғубайраро дидан мумкин аст. Меваи ангатро зимистон ба мақсади табобат ҷамъ меоваранд. Дар киштзор дар зери қабати ғафси барф растаниҳои сабзро мушоҳида кардан мумкин аст. Ба туфайли қабати ғафси барф растаниҳоро хунукӣ намезанад.

Помидор, пиёз, бодиринг ва як қатор гулҳоро зимистон дар **гармхонаҳо** парвариш мекунанд.

**Матнро аз ҳаёти ҳайвонот қироат намоед.**



**Ғурм** — гӯсфанди кӯҳӣ, нисбати бузи кӯҳӣ чанд маротиба калонтар аст. Шохи наринааш мустаҳкам, чун спирал печида, ба берун ба боло нигаронда шудааст. Бо ҳаракатҳои ҷозибанок наринаашон бартарияти нерӯяшонро нисбати дигар намоиш медиҳанд.



**Ҷайрон** — бузи даштӣ бо намуди зебо ва чашмони чуқури сиёҳаш диққатро ҷалб месозад. Як вақтҳо онҳо боғҳои қасри амирон ва подшоҳонро зеб додаанд.



**Оҳу** — дар маҳали кӯҳсору ҷангалзори Қирғизистон зиндагӣ мекунад Алаф мехӯрад. Зимистон барги дарахту буттаҳоро хӯрда, аз зери барф хошоки хушкро меёбад.



**Хуки ёбоӣ** — ҳайвони тезгарди монанди хукҳои хонагин танааш чорпаҳлӯ. Хусусияти муҳими он фуки дарози ба тезӣ ҳискунандаи бӯй аст.



**Мурғи даштӣ** — паррандаи зебо аз гурӯҳи паррандагон. Дар қамишзорҳои соҳилҳои ҳавзаҳои об ва дарёҳо зиндагӣ мекунад. Юнониёни қадим ба вай чунин ном гузоштаанд. Мувофиқи ривоятҳо ин паррандаро аз мустамликаи гурҷии Фазиси худ аз Колхида аргонавтҳои машҳуре овардаанд, ки барои пӯсти тиллоӣ шино карда буданд.



Зимистон дар кишвари мо **аккаи думдароз, зоғ, майна** боқӣ монда, **зоғҳои зард** паррида мераванд. Галаи саъбагон ғизо-тухми растаниҳоро ҷустуҷӯ менамоянд. Бисёр вақт фотимаҷумҷуқро дидан мумкин аст. **Кабӯтар, зоғҳо** ва **гунҷишкҳо** аз шафати манзили одамон ғизо пайдо карда, якҷоя бо онҳо зиндагонӣ менамоянд.






# ПИРИ ХИРАДМАНД



Муйсафеде умр ба сар мебурд, ки аллома, ширингуфтор ва ғамхор буд. Вай барои фароҳам овардани шароит ба ҳаёти ҳайвоноту наботот мекӯшид, алалхусус сари бачагони ятимро бештар сила мекард ва пешгӯиҳо менамуд.



Аз ин рӯ, ӯро пири хирадманд меномиданд ва дар ҳаққаш ривояту ҳикояҳо иншо меёфтанд. Ана, яке аз насиҳатҳои ӯ:





Ростгӯӣ, боодобӣ, забони хуш, рӯи хандон, ғамхорӣ ба ҳайвоноту наботот, инсон одати неки инсон аст. Барои амалӣ гардондани он аз бачагӣ мебояд кӯшиш намуд. Некӣ, дӯстӣ, ёрӣ, меҳру муҳаббат тӯшаи ҳаётии инсон бояд бошад. Агар ба ҳайвоноту наботот, инсон ғамхор бошед, ҳеҷ гоҳ хорузор намешавед.





Ҷавонони киромӣ, аз ҷавонӣ,  
Биёмӯзед тарзи зиндагонӣ.

Ба ҳулқи неку бо одобу кирдор,  
Шавед ин халқу давлатро сазовор.

Матн оё ба шумо маъқул шуд. Шеърашро аз ёд кунед.

# ТАНДУРУСТӢ ВА БЕХАВФӢ

*Дарсҳои 1–2*

## ТАНДУРУСТӢ

*Барои чӣ мо шабона хоб меравем? Баъди аз хоб хестан бо чӣ машғул мегардед?*

Кори иҷрокардаатонро бо навбат **гуфта диҳед.** Машқҳои тандурустиро **намоиш диҳед.**

Қисмҳои тана: сар, гардан, дастон, пойҳоро ба якдигар **нишон диҳед.** Онҳо барои чӣ заруранд ва чӣ фаъолиятеро ба иҷро мерасонанд? **Нақл намоед.**






*Нишон диҳед, ки дил, меъда, ҷигар, гурдаатон дар куҷо ҷойгир гаштаанд?*

**Маънии мақолро маънидод созед.**

Тани сиҳат — бехи давлат.

**Муштатонро** нишон диҳед. Дили шумо аз рӯи ҳаҷм ба муштатон баробар аст. Он баробари ба камол расидани шумо калон мегардад, пурқувват мешавад.

*Матнро қироат намоед.*

**Микробҳоро оё шунидаед?**



Агар шунавида бошед, онон маризиҳоро ба вуҷуд меоваранд. Микробҳо ба организми инсон ба воситаи ҳаво ва ғизо дохил шуда, ба хун мегузаранд ва бо заҳри худ боиси тез сар задани маризиҳо мегарданд.

Агар бо заррабин як чакра хуни инсонро муоина кунед, чӯбчаҳои бисёри каҷу килебро мебинед, ки микробҳо — бедоркунандагони маризӣ мебошанд. Дар хуни одами солим онҳоро намебинед.

**Грипп**

Агар шахс бо грипп заҳролуд шавад, ҳарораташ баланд гашта, суст мешавад.

Бинӣ баста шуда, месулфад, мадор меравад, иштаҳа кунд мегардад. Сар сахт дард карда, баъзан ҳолати қайткунӣ рӯй медиҳад.

Агар шумо бемор шавед, дигаронро заҳролуд накунед. Вақте ки месулфед, атса мезанед, ҳаракат кунед, ки бо рӯмолча ё даст даҳону биниатонро руст намоед.

То сиҳат нашавед, ба мактабу меҳмондорӣ наравед!

**Қоидаҳоро бо маслиҳати волидон қиёс намоед**

Дар ҳавои намнок барои он ки шамол нахӯред, либоси гарми пахтагин ё пашминро пӯшед.

Агар зери борон монда, либосатон нам гардад, ба хона омада онро ба тезӣ бо либоси хушк иваз намоед.

Ҳаракат кунед, ки дар баратон либосу пойафзоли нам набошад.

Агар касе шамол хӯрда бошад, аз он заҳролуд шудан мумкин. Аз ин рӯ, эҳтиёткор бошед!

*Дарсҳои 3–4*

# БЕХАВФӢ

*Ҳангоми мактабравӣ дар роҳ ба шумо кадом нишонҳои роҳ вомехӯрад? Онро барои чӣ мегузоранд? Онҳо чӣ маънӣ доранд?* ***Нақл намоед!***



**Чароғаки раҳнамо**

Шаҳри калон-шаҳри мо,
Пури мошин кӯчаҳо.
Чӣ хел карда гузарем,
Аз чорраҳа бачаҳо?
Роҳ нишон диҳад ба мо.
Чароғаки раҳнамо.

Сурхаш мегӯяд: исто,
Бигузарад мошинҳо!
Зардаш мегӯяд: даррав
Ба гузаштан тайёр шав.
Сабзаш даргирад агар,
Марҳамат, акнун гузар.

***Наримон Бақозода***

**ИСТЕД!**

**ТАЙЁР ШАВЕД!**

**ГУЗАРЕД!**

**Бозии нақшдорро иҷро кунед!**

*Ба нақлиёт бо кадом навбат одамон ворид мегарданд? Ба фикри шумо кӣ бояд гузашт намояд?*



*Чор донишомӯз якҷоя* ***машварат карда,*** *якеатон ҷавоб гардонед.*

Дар расмҳо чӣ гуна роҳҳоро мушоҳида мекунед?

*Дар ин роҳҳо чӣ тавр бояд ҳаракат намуд?*





Тарҳи чароғаки раҳнаморо **офаред.**

Дарсҳои 5–6

# БЕХАВФИИ ХОНАДОН

**Мақолро тавзеҳ диҳед:** Эҳтиёткорро худо мададгор аст.

*Чизу чораи дар расм аксёфтаро* ***номбар кунед.*** *Онҳо барои чӣ заруранд? Шумо оё аз онҳо истифода мебаред? Яхдон барои чӣ лозим аст? Маҳсулоти дар он маҳфузро мо чӣ тавр истифода мебарем? Агар тасодуфан ягон ҷоятонро буред ё сӯзед чӣ бояд кард?* ***Нақл намоед.***




**Қоидаҳои бехатарии техникӣ**

Ҳеҷ гоҳ асбобҳои барқӣ, аз он ҷумла даргиронаку розеткаро бо дастони тар надоред.

**Бо оташ** бозӣ накунед! Барои ба оташ наздик шудани хурдсолон роҳ нагузоред!

Ба дег ва дигар зарфе, ки об меҷӯшад, наздик наоед.

Ба дасти хурдсолон корд, қайчӣ, сӯзан барин анҷомҳоро надиҳед!

Бе розигии калонсолон доруро истеъмол нанамоед.

Дарзмолро танҳо аз дастааш доред!

Аз чизу чораи номаълум эҳтиёт бошед!

Барои он ки сӯхтор рух надиҳад, чӣ тавр рафтор намуд?

## ДАР ОБ

*Дарси 7*

Фалокат дар зери пой аст.

*Шумоён ба кадом кӯл барои оббозӣ меравед? Калонсолон ба шумоён дар бораи тадбирҳои бехатарӣ дар зери об маслиҳат додаанд?* ***Дар бораи онҳо нақл кунед.***



Ба нишонҳои «Оббозӣ манъ аст». «Аз ишоратгоҳ ба он тараф гузаштан мумкин нест» доимо бодиққат бошед!

— «Дар болои санги нами дарёи сермағал рост наистед!»

— «Ба маҷрои пурталотуми дарё сар хам накунед. Афтоданатон мумкин аст». Шиновариро ёд гиред!

**Мақолро аз ёд кунед:**

«Обро надида мӯза накашед».
«Оби маҳали ношинос хатарнок аст».

Халқ беҳуда намегӯяд: об забон надорад. Агар шумо ба маҳалли ношинос рафта оббозӣ карданӣ шавед, об дар хусуси хавфнок будани он ҷо шуморо хабардор карда наметавонад.

*Дар кадом ҳолат ба рақами* ***102*** *занг задан мумкин? Он телефони кист? Агар роҳгум занед, ба кӣ мурочиат карданатон лозим меояд? Шумо оё милисионер шуданро мехоҳед? Дар бораи фаъолияти милисионерон чиро медонед?* ***Нақл кунед.***

Дарсҳои 8–9

# МУНОСИБАТИ БАЙНИ-ҲАМДИГАРӢ ДАР ОИЛА

*Шумоён бояд чӣ кор кунед, ки оилаатон аз фарзанди хуб доштанашон фахру ғурур намоянд? Дар бораи вазифаҳои худ* ***нақл намоед.***

**Мақоли мазкурро тавзеҳ диҳед:**

Фарзанди нағз – боғи падар.
Фарзанди бад – доғи падар.



Одамони наздики шумоён-аъзоёни оила: волидон, бародарону хоҳарон мебошанд. Бо онҳо муомилаи маданиятнок намоед. «Маданиятнок» будан ин маънои меҳрубон, ҳаллол, эҳтиром кардани калонсолон, иззату икроми хурдсолон ва кӯмакрасони онҳо буданро дорад.

Ба одамони бегона дар кӯча муроҷиат нанамоед. Агар ягон хавфро аввалин шуда пай баред, ин корро карданатон мумкин аст. Он сӯхтор, захм бардоштани касе, садамаи нақлиёт шуданаш мумкин. Дар он сурат «Ёрии таъҷилӣ»-ро филфавр ҷеғ задан лозим меояд.

*Шумоён вақти холиатонро чӣ тавр истифода мебаред? Ба фикри шумо корҳои хонагӣ ба зиммаи кӣ шомил аст? Меҳнатро оё ба кори писарбачагон ё духтарбачагон ҷудо кардан мумкин? Дар ин бора чӣ фикр доштанатонро* ***нақл кунед.***

Сканвордро **ҳал кунед.** Шуморо аз рӯи он дар оила чӣ гуён ном мебаранд?



*Барои бародари меҳрубон шудан кӣ бояд меҳрубон гардад?*



**Мақолҳои мазкурро тавзеҳ диҳед:**

Шохи дарахти мевадор хам аст.
Одам аз гул нозук аз санг сахт.

## ЗОДРӮЗ

*Дарси 10*

*Агар шуморо соати 12 ба меҳмондорӣ даъват карда бошанд, кай меоед? Барвақт ё дер? Дар ин бора чӣ фикр доред?* ***Нақл кунед?***

*Матни мазкурро* ***хонда***, *нақшҳоро тақсим намоед.*



— Салом Жохар!

— Салом! Шумо кистед?

— Ин ман. Эдин. Ман шуморо соати 12 ба меҳмонӣ даъват мекунам.



— Барои чӣ? Сабаб чист?

— Имруз зодрӯзи ман аст. Шуморо оё мунтазир шудан мумкин аст?

— Чӣ хел хуб. Жохар, ман шуморо бо зодрӯзатон табрик мегӯям. Барои муборакбодӣ албатта, меоям. Барои таклиф ташаккур.

Дарси 11

## ЗАМИН ВА ОФТОБ

Офтоб нисбати Замин калонтар аст. Офтоб манбаи гармӣ ва равшанист. Сайёрае, ки дар он ҳаёт, об ва ҳаво ҳаст, ин Замин мебошад.

Тамоми мавҷудоти зиндаи замин ба ҳамдигар вобастанд. Алафу хошок барои парвариши чорво зарур аст. Одамон аз ҳайвонот барои худ ғизо омода месозанд. Беҳуда халқи қирғиз чунин намегӯяд: «Аз замин чорвову нонро бипурс». Замин барои тамоми мавҷудоти зинда чун модари ғамгусор аст. Аз ин рӯ, Модар — Замин меноманд.

Як падару як модар,
Боқӣ ҳама бародар.

*(Офтоб моҳ ва ситорагон)*

**Биёед, таҷриба мегузаронем.**

Барои ин дӯстат дар даст глобусро нигоҳ медораду шумо бо чароғ онро равшан мекунед. Онро Офтоб фараз кардан мумкин аст. Агар мушоҳида кунед, чиро пай мебаред?



# БАҲОР — АЙЁМИ БЕДОРШАВИИ ТАБИАТ

*(Сайёҳат)*

## ТАБИАТИ БЕҶОН ДАР БАҲОР

*Дарсҳои 12–13*

*Нишонаҳои баҳорро аз расм дарёбед? Дар баҳор кадом идро таҷлил менамоянд?* ***Нақл кунед.***



**Наврӯз — иди соли нав**

21 март шабу рӯз баробар мешавад. Аз рӯи анъаноти халқҳои Осиё ҳамон рӯз **Соли нав-Наврӯз** оғоз меёбад. Ҳамон рӯз таомҳои миллӣ-суманак, ҳалим тайёр карда, одамон арча месӯзанд.

*Дарси 14*

# ТАБИАТИ ҶОНДОР ДАР БАҲОР



*Офтоб дар кадом вақт аз ҳама баланд ҷойгир мешавад? Онро аз тарҳи мазкур мушоҳида кардан мумкин аст.*




Дарахтон, аз қабили бодом, зардолу, шафтолу барвақт гул мекунанд. Баъди он бед, олуча, себ ва нок гул менамоянд. Гулҳои бойчечак, бунафша, лола, қизғалдоқ барвақттар мешукуфанд.

*Барои чӣ ин растаниҳоро барвақтӣ мегӯянд?*

Сабабашон дар ин мебошад:

—барфи обшуда решаи онҳоро обшор мекунад;

—офтоб хокро хуб метафсонад;

—решаи ин растаниҳо — пиёзча дошта, онҳо тобистони сипаришуда аз моддаҳои ғизонок сер шудаанд.

*Дар расм чӣ тавр нашъунамо ёфтани гулро мебинед. Он чӣ тавр сурат гирифтанашро* ***тавзеҳ диҳед.***



**Матнҳоро қироат намоед.**



**Шапалакҳо** тухм гузошта, аз онҳо кирмакҳо ҳосил мешаванд.

Дар хонадони мо шапалакҳои хурд зиндагонӣ мекунанд. Кирмҳои шапалакҳо либосу анҷоми аз пашм тайёршударо вайрон менамояд. Кирмаки себҳо аз тухмии ба гули себ гузошташуда пайдо гардида, баъд ба себ зарар мерасонанд.



**Занбӯрҳо** ба табиати ёбои фоидаи калон мерасонанд. Онҳо барои парвариши бачаҳои худ ҳашароти ниҳоят хурдро ба даст меоваранд. Занбӯрҳо ниҳоят пурқувватанд. Як занбӯрча нисбати вазни худ даҳ маротиба бештар борро кашонда метавонад.





Дар табиат бисёр ҳашаротҳо ҳастанд. Онҳо **пашшаҳо, хомӯшакҳо, сӯзанакҳо** мебошанд. Пашшаҳо тухми худро одатан ба гӯшт, ё дигар озуқа мегузоранд. Кирмаки пашшаҳо гӯшт ва дигар партовҳои ғизоиро тановул карда, ба пашша табдил мeёбанд. Пашшаҳо манбаи паҳнкунандаи маризиҳои мухталифи гузарандаанд.

**Хомӯшакҳо** тухмҳои хурдаки худро ба ҳавзаҳои об мегузоранд. Аз тухм кирмакчаҳо пайдо шуда, дар ҳавзаҳои об умр ба сар мебаранд. Хомӯшакҳои аз онҳо ҳосилгардида хуни одамизод ва ҳайвонотро мемаканд. Як қатор намудҳои хомӯшак боиси паҳн кардани маризии вараҷа мегарданд. Кирмакчаҳои хомӯшакҳоро моҳиҳо, кирмакашонро қурбоққаҳо, фароштурук ва дигар паррандаҳо истеъмол мекунанд.





**Оруи асал** шираи растаниҳои гулдорро ҷамъ оварда, ба асал мубаддал месозад. Асалро оруҳои коргар ҷамъ меоваранд. Кирмакҳои оруи асал, ки кирмакро мемонанд, бо асал бонӣ карда мешаванд.

*Дарси 15*

# ПАРРАНДАГОН ДАР БАҲОР

*Баҳорон ба кишвари мо кадом паррандагон паррида меоянд? Ба фикри шумоён онҳо чаро паррида меоянд? Дар ин бора чиро медонед?* ***Нақл намоед.***

*Кадом паррандаҳои парридаояндаро медонед?* ***Номбар кунед*** *ва дар бораи онҳо чизи медонистаатонро* ***нақл намоед.***



Чаковак



Соч



Фароштурук



Зоғ

То барфҳо пурра об нашудан **шӯрнӯл,** баъд соч ва **чаковакҳо** меоянд. Онҳо кирмҳо ва боқимондаҳои партовҳои ҳосили гузаштаро истеъмол менамоянд.

Намуди аз ҳама бештар паҳнгардидаи **сочҳо** дар кишварамон ин сочи ҳинду — **майна** аст.

Сочҳо одатан наздики хонадонҳо ва саҳроҳо истиқомат карда, дар байни алафҳо ғизо мекобанд. Онҳо гунҷишконро аз лонаҳояшон пеш мекунанд. Як соч лона ҳифз намояд, дигараш барои сохтани лона ба ҷустуҷӯи масолеҳ мебарояд.

Чаковакро дидан душвор аст, вале дар саҳро овози онро шунидан, дар фазо акси хираи онро ба сифати нуқта пай бурдан мумкин аст.

# ПАРРАНДАГОНИ ХОНАГӢ

*Дар даруни болине, ки сар мегузоред, чӣ ҷойгир шудааст?* ***Нақл намоед!***

*Дар паррандагони хонагӣ фасли баҳорон чӣ гуна тағйирот рух медиҳад.* ***Нақл намоед.***





Наринаи мурғро-хурӯс, модаашро мурғ меноманд.

Баҳорон мурғон барои чӯҷа баровардан тухмҳоро дар ҷои махсус болои алафи хушк пахш карда мехобанд. Онҳоро мурғони курк мегӯянд ва нооором кардан мумкин нест. Агар онро бо зӯрӣ пеш карда, ба тухмҳояш даст расонед, дигар ба лона барнамегардад. Тухмҳо маҳв мегарданд. Мурғон ба ҳарорати танаи худ барои кушодани тухмҳо кӯмак мерасонанд. Чӯҷаҳо тухмро шикаста, берун меоянд.



Оё шумо медонед, ки мурғон ба чӯҷаҳо чӣ тавр ғизо ёфтанро меомӯзонанд?



Вақте ки мурғ барои бачагонаш ғизо ёфт, онҳоро бо овози махсус даъват мекунад. Чӯҷаҳо ба вай наздик омада, ба ғизохӯрӣ сар мекунанд.



Агар ба зери мурғи курк тухми ӯрдак ва ё ғозро гузоред ҳам он то чӯҷа ҳосил кардан зер карда мехобад. Вақте ки ӯрдаку ғозҳо ба камол мерасанд, ба шиноварӣ шурӯъ мекунанд. Дар он сурат ҳам мурғ нооором гардида, дод мезанад, ки **паррандачаҳо** ғарқ шуданашон мумкин аст.





Тамоми паррандагони хонагӣ ғалладона мехӯранд, ӯрдаку ғозҳо бошанд, дар об шино карда, растаниҳо ва ҳайвоноти хурди обӣ, аз он ҷумла моҳиҳои хурдро тановул менамоянд.



Ба паррандагони хонагӣ ба сифати ғизо ҳатто гандумро ҳам медиҳанд. Оё шумоён истеъмоли гандумро аз ҷониби мурғон дидаед.

Паррандагони хонагӣ **тухм, гӯшт, пату пар** медиҳанд.

*Дарсҳои 17–18*

## ПАРРАНДАГОНИ ЁВОЙ

**Паррандагон аз чӣ лона месозанд?**

Барои он ки тухм гузошта, ҷӯҷа бароранд, паррандагон дар маскани барояшон қулай, **ӯрдаку қоз ва мурғобии ёвой** лонаи худро ба соҳилҳои дарёву кӯлҳои ором ва дар ботлоқзор мегузоранд. Онҳо аз навдаҳои хушки алафу буттаҳо асоси лонаро ба вуҷуд меоваранд. Баъд барои таъмини гармӣ ба он алаф, пату пар, пашм мегузоранд.



**Фароштурук** лонаи худро аз лой дар шифти хонаи одамон, ҷои бехавф аз паррандагон ва борон месозад. Одамон онҳоро «паррандагони муқаддас» меноманд ва аз ин рӯ, лонаи ӯро вайрон намекунанд.



**Зоғҳо ва шӯрнӯл** лонаи худро дар дарахтони баланд аз навдаҳо мегузоранд.

**Аккаи** думдароз лонаи худро аз навдаҳои сахту хушк сохта, аз берун бо лой

пур карда, аз дохил пашму пат мегузорад.

**Фотимаҷумчуқ** бо минқор лонаи худро аз пашму мӯйҳо месозад. Лонаи мазкур, ки ба кас остинро ба хотир меоварад, дар дарахти болои дарёи тезоб овезон мебошад.





**«Куку» паррандаи махсус аст.**

Вай дар мобайни моҳҳои баҳор ба кишвари мо омада, тобистон зиндагонӣ карда, баъд ба дигар кишварҳо парвоз мекунад. Барои маълум кардани манзили истиқоматии худ он одатан «куку, куку» мегӯяд. Куку (олучахӯрак) тухми худро ба лонаи тайёри дигар паррандаҳо мегузорад ва онро лонаи худ мепиндорад. Бо кӯмаки дигар паррандаҳо бачаҳои худро мехӯронад. Бачаҳои куку аз лонаи волидон парвоз карда, дигар лонаҳоро ба мақсади гузоштани тухм ва ҳосил кардани бача ишғол мекунанд. Аз ин рӯ, халқ волидонеро, ки бо тарбияи фарзанди худ машғул шуданӣ настанд, одатан «олучахӯрак» меноманд.





**Бургут** лонаи худро дар қуллаҳои баланди барои инсон ва ҳайвоноти дарранда дастнорас мегузорад. Бари лонаи бургут (уқоб) якуним метр мешавад, то ки бачаҳояш қаноти худро паҳн карда тавонанд. Бачаҳояшро бо гӯшти ҳайвонот мепояд. Гӯштро пора-пора карда, зери минқори бачагонаш мегузорад. Бургутҳо одатан ба лонаи худ 1-2 тухм мегузоранд ва дар ин бора халқ мегӯяд «пурқувватҳо кам бача мекунанд».



*Дарсҳои 1–2*

## ҲАЙВОНОТ ДАР БАҲОРОН



Баҳорон бисёр ҳайвонот насл мегузоранд. **Санҷоб** 3–9 бача мезоянд. Баъди як моҳ чашмони онҳо кушода мешавад. Баъди сипарӣ шудани боз як моҳи дигар онҳо аз маъвояшон баромада, ба ҳаёти мустақилона шурӯъ менамоянд. Санҷоб лонаи паррандагонро вайрон карда, тухмашонро хӯрданаш мумкин аст. Аз ин рӯ, одамон барои онҳо ғизои иловагӣ омода месозанд.

**Харгӯшҳо** моҳи апрел бача зоида, бо шири равғанини худ онҳоро ғизо медиҳад. Харгӯшчаҳо калон шуда, алаф ва решаҳои дарахтонро мехӯранд. Харгӯшбачаҳои партофтарафтаро харгӯшҳо чун бачагони худ бонӣ мекунанд.

**Хирсҳо, суғурҳо ва қашқалдоқ** аз хонаву маскани худ мебароянд. Хирс одатан соҳиби 2-3 хирсбачаи зимистон таваллуд кардааш мегардад. Баҳорон дар хонаи **рӯбоҳ** 4-6, баъзан 12 бача ба дунё меоянд. Рӯбоҳ онҳоро дар тӯли 1-2 моҳ бо шири худ парвариш карда, баъд ҳайвоноти хурди хояндаро барои ғизо меоварад. Бачагони рӯбоҳ ҳамроҳи вай давида, ба даст овардани тӯъмаро ёд мегиранд.

**Гургон** ҳам бачагони худро ба дунё оварда, онҳоро бо ширашон парвариш мекунанд.

Гурги нар барои фарзандони худ гӯшт меоварад, яъне дар ҳаққи оила ғамхорӣ мекунад. Вақте ки гургбачаҳо ба воя мерасанд, гургон онҳоро ҳамроҳ ба шикор мебарад.

**Қурбоққа ва ғукҳо** аввали баҳор тухми худро ба об дар шакли риштаҳои дарози намнок мепартоянд. Аз онҳо баъди муддате бачагони сиёҳчурдаи каллакалону думдор ҳосил мегарданд. Онҳо аз организмҳои хурди обҳо ғизо гирифта, обро тоза мекунанд. Курбоққа ва ғукҳои калон пашшаҳо, хомӯшак ва тӯқумшулукҳоро, ки душмани сабзавотанд, мехӯранд.



**Сангпуштҳо** дар дашт зиндагонӣ карда, алаф мехӯранд. Вақте ки хавф сар мезанад, сарашон ва пойҳояшонро дар зери косахонаашон пинҳон мекунанд ва карахт мешаванд. Сангпушт ниҳоят суст ҳаракат мекунад. Аз ин рӯ, шахсонеро, ки саросемагӣ зоҳир намекунанд, корро суст ба иҷро мерасонанд, бисёр вақт «сангпуштон» меноманд.



**Хорпуштҳо** дар ҷое, ки растаниҳои дарахтбобу алафҳо, занбӯруғҳо ҳастанд, зиндагонӣ карда, решаву танаи алафҳо, ғаллаву мева, занбӯруғ мехӯранд, аз хӯроки ҳайвонот низ ҳазар намекунанд. Хорпушт рӯзона хоб карда, шабона ба шикор мебарояд. Мору курбоққа ва мушҳоро сайд менамояд. Хорпушт ширро дӯст медорад. Вақте ки метарсад, чун кулча кулӯла шуда, сихҳояш ба тараф паҳн мегарданд. Ва ин ӯро аз даррандагон ҳимоя менамояд. Дар куҷо







хорпушт зиндагонӣ кунад, мору мушро пайдо намудан душвор аст. Баҳорон 5–6 хорпуштбачагон ба дунё меоянд.

**Калтакалос** дар кӯҳсору дашт зиндагонӣ мекунад. Онҳо бисёр тез медаванд, ҳашаротҳоро мехӯранд. Калтакалос одати зуд «партофтани» думи худро ҳангоми сар задани хавф дорад. Сипас думи нав пайдо мекунад, ки онро ҷараёни таҷдид меноманд.

## Ҳаёти халқ

*Дарсҳои 3–4*

### Оғози Ватан – оила

*Оила аз чӣ таркиб меёбад? Аъзои оилаатонро ба воситаи тарҳ* ***қиёс кунед.*** *Мақоми шумо дар куҷост? Вазифаи шумо дар оила чист?* ***Нақл намоед:***



Дар оилаи мо бисёр пайвандон – амакҳо, аммаҳо: бародарон ва хоҳарони падарамон дастҷамъона истиқомат мекунанд. Фарзандони онҳо ба ман аммакбачаву аммабача мебошад. Барои волидон фарзандони бародару хоҳарон ҷиян мебошанд.

**Ин шеърро аз ёд кунед:**

Ҷавонони кироми̣, аз ҷавони̣
Биёмӯзед тарзи зиндагони̣.
Ба хулқи неку бо одобу кирдор.
Шавед ин халқу давлатро сазовор.



***Маънои мақолу ҳикматҳоро тавзеҳ диҳед:***

Ба чашми адаб нигар падарро,
Аз гуфтаи ӯ мапеч сарро.

**Надонӣ ба доноён гӯш андоз.**

## Модар

Шамъу чароғи хонаӣ,
Шодии ин замонаӣ,
Байти хуши таронаӣ,
Барои ман ягонаӣ,
Модари ғамгусори ман.

*Г. Сулаймонова.*



Дар мавзӯи «Оилаи мо» ***нақл иншо созед.***



Дарсҳои 5–6

## ПУЛ ВА МАРКАИ ҚИРҒИЗИСТОН

*Дар расмҳои поёнӣ кадом пулҳоро мебинед? Онҳо чандтоянд? Ба фикри шумо дар онҳо портрети киҳо акс ёфтаанд? Пул барои чӣ лозим аст. Шумо оё аз пулҳо истифода мебаред? Аз онҳо кай истифода бурданатонро* ***нақл намоед.***

Қирғизистон чун дигар мамлакатҳо воҳиди пулии худро молик аст. Он «сом» номида мешавад. Пулро ҳамчунин «валюта» ҳам меноманд.

Пулҳо коғазину маъданӣ (тангаҳо) мешаванд. Дар пулҳо сурати одамони машҳури мамлакат акс меёбанд. Пештар ба сифати пул аз рехтаҳои тилло, нуқра ва мис истифода бурда, сипас аз ин маъданҳо тангаҳои кулӯларо сохтаанд. Аввал дар Чин, баъдтар дар дигар мамлакатҳо пулҳои коғазин пайдо шудаанд.

Пул барои харидани манзил, чизу чора, либос, ғизо зарур аст. Барои пулдор шудан одамон кор мекунанд.

Барои маҳфузияти пул бонкҳо ва кассаҳои амонатгузорӣ амал менамоянд.



*Дар расмҳо маркаҳои почтавӣ инъикос ёфтаанд. Аз байни онҳо маркаи Қирғизистонро дарёбед. Чӣ тавр дониста гирифтед? Дар онҳо чиҳо инъикос ёфтаанд?*




Ҳамин тавр, ҳар як мамлакат соҳиби маркаи почтаи худист. Дар онҳо одамони машҳури ин мамлакат, воқеаҳои шавқовар ва ёдгориҳо акси худро пайдо намудаанд.

**Аҳамияти ин зарбулмасалро фаҳмонда диҳед:**

| |
|---|
| Ҳатто як порчаи замини ниёгон азиз аст. |

# БОИГАРӢ

## ИҚТИСОДИЁТ

*Дарси 7*

*Шумо калимаи «боигарӣ»-ро чӣ тавр мефаҳмед? Сарзамине, ки таваллуд ёфтаеду зиндагонӣ мекунед, то чӣ андоза бой аст. Дар ин бора чӣ* ***фикр доред.*** *Шумо оё калимаи «иқтисод»-ро шунавидаед?*

Агар бигӯянд, ки иқтисодиёти мамлакат хуб аст, онро ин тавр фаҳмидан лозим: ҳаёти одамони мамлакати мазкур хуб аст.



Аз калонсолон дар бораи расмҳои дар пулҳо аксёфта пурсед. Бо шарикдарсон дар ин бора мубодилаи **афкор намоед.**









Иқтисодиёти хуб маънои сарвати мамлакат — **кишоварзӣ, саноат, сохтмон, нақлиёт ва корхонаҳои савдои онро** дорад.

Ҳар як корхона андози мухталиф медиҳад, ки он ҳам барои додани музди меҳнати коркунон, нафақапулии бобоён ва момоён харҷ мегардад.

*Дар расмҳо хоҷагиҳои мухталиф акс ёфтаанд. Онҳоро* ***номбар карда,*** *дар бораи ҳоҷагии бо шумо шинос нақл кунед.*











Барои фаъолияти истеҳсолоти (хоҷагии) дилхоҳ сӯзишворӣ лозим аст. Кадом намудҳои сӯзишвориро медонед?

## САВДО

**Дарси 8**

*Шумо калимаҳои «бозор», «мағоза», «маркази савдо»-ро чӣ тавр мефаҳмед? Бозору марказҳои савдои маҳалли истиқоматиатон чӣ ном доранд? Дар он ҷо чиҳоро мефурӯшанд? Шахсеро, ки бо савдои мол шуғл меварзад, чӣ ном мебаранд. Касеро, ки мол мехарад, чӣ мегӯянд? Дар ин бора нақл намоед.*




Мо тамоми маводи зарурииро аз мағозаву бозорҳо харид менамоем. Дар онҳо молу чизу чорае фурӯхта мешавад, ки дар кишвари худамон ва дигар мамлакатҳо тайёр гардидаанд.

*Дар бораи молҳое нақл кунед, ки дар расмҳо мебинед.*

*Дарси 9*

# ШАҲР ВА ДЕҲОТ

*Ба расмҳо **дида андӯзед**. Фарқи байни шаҳру деҳот дар чист? Онҳо чӣ монандӣ доранд? Дар шаҳр ё деҳоте, ки истиқомат доред, чӣ шавқбахш аст? Дар ин бора **нақл кунед**.*





Дар деҳот одамон бо чорводорӣ, руёндани ғалла, меваву сабзавот шуғл меварзанд. Ин гуна маҳсулотро на танҳо сокинони деҳот мехаранд, балки онҳо ба бозору мағозаҳои шаҳр ҳам роҳ пеш мегиранд.

Дар шаҳр одамони бисёре иқомат мекунанд. Биноҳои баланд, фабрикаву заводҳо, осорхонаву театрҳо мавҷуданд. Шаҳрҳо дорои кӯчаҳои фарох, фавворaҳо, хиёбонҳо, варзишгоҳҳо, иморатҳои баландошёна мебошанд. Мошинҳои мухталифтамға, автобусу троллейбусҳо ҳаракат менамоянд.

*Дар шаҳру деҳоти маҳаллатон чӣ гуна молу маҳсулот истеҳсол мегардад? Дар ин бора нақл намоед.*

---



Шумо оё номи одамони номдори шаҳру деҳоти худро медонед?

Аз калонсолон бо чӣ машҳур буданашонро **пурсед** ва дар ин бора дар синф дар дарс **нақл намоед.**



## ОЛАМИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

*Дарси 10*

*Озуқаворӣ аз чӣ тайёр мегардад? Хӯроки аз ҳама машҳури халқи қирғиз чист? Кадом хӯрокро хуш мебинед? Он чӣ гуна таъм дорад?*

Озуқаворики расмҳоро **номбар кунед:**

**Маҳсулоте, ки аз гӯшту шир гирифта мешавад**




**Маҳсулоти ғаллагӣ**



**Нӯшокиҳо**




**Меваву сабзавот**



## Ширавор




*Каймоқ, равғани зард, айрон, чолоб аз чӣ тайёр карда мешавад? Дар ин бора нақл кунед.*

*Шеърҳоро аз ёд кунед.*

### Нон

Зеби дастархони мо,
Ҳурмати меҳмони мо.
Обрӯю эътибор,
Қуввату дармони мо.

Ҳаловати ҷон аст нон,
Қуввати дармон аст нон,
Зеби дастархон аст нон,
Меҳнати деҳқон аст нон.

### Чиҳо пазад?

Ҷамилаҷон бадаступо,
Таом пазад барои мо.
Саҳар хезад, хамир кунад,
Кулча кунад, фатир кунад.
Чиҳо пазад вай аз хамир,
Аз ин муаммо ёбу гир.

### Айронро тайёр кунед

Ширро ба дег андохта, ҷӯшонед, ба каноре гузошта, хунук кунед. Ба шири гарм ду қошуқи ошомиданӣ айрон (хамиртуруш) андозед. Сарпӯши дегро пӯшонед, бо ягон чиз печонед ва дар тӯли ду соат айрон тайёр мешавад.

## НАҚЛИЁТ

*Дарси 11*

*Нақлиёт барои чӣ зарур аст?*

Нақлиёт барои кашондани одамону борҳо зарур аст. Он нақлиёти автомобилӣ, ҳавоӣ, роҳи оҳан, обӣ, аробакашӣ мебошад.

*Шумоён аз кадом намуди нақлиёт истифода мебаред? Мошинҳо ва қисмҳои эҳтиётии онҳоро аз чӣ омода месозанд?*

**Ҳавоӣ**





**Заминӣ**



**Обӣ**



**Зеризаминӣ**



**Нақлиёти бинокорӣ**





**Нақлиёти боркашонӣ**



***Чистонро ёбед:***

Аз ин ҷо то Ҳисор, Меравад қатор-қатор.



*Қисмҳои велосипедро **номбар** кунед. Бо он дар кадом роҳ мегарданд? Қоидаҳои велосипедрониро бигӯед?*

## Кӣ дар вазъияти фавқулодда ба кӯмак меояд?

Бачагон ба шумоён зарур аст, ки дар вазъияти фавқулодда ба чунин рақамҳо занг занед:

**«101»** – агар сӯхтор сар занад.
**«102»** – агар шумо гувоҳи ҷиноят ё садамаи автомобил гардед.
**«103»** – ин рақами ёрии таъҷилист.
**«104»** – агар бӯи газро ҳис кунед.
**«161»** – умури наҷотдиҳӣ.

# АЗ МАСНУОТИ ТАБИӢ ЧИҲОРО ТАЙЁР МЕКУНАНД?

## МАСНУОТИ ТАБИӢ

*Дарси 12*

*Асбобу анҷоми гирду атрофи мо аз кадом маснуоти табиӣ тайёр мегарданд? Анҷоми дар расмҳо аксёфта аз чӣ омода шудаанд?*

*Расмҳои аксёфтаро ба чанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст?*



Ба маснуоти табиӣ **чӯб, хок, сангҳои мухталифи бинокорӣ, ороишӣ ва қимматбаҳо** мансубанд. Аз онҳо заводу фабрикаҳо маҳсулоти мухталиф тайёр мекунанд. Масалан, зару зеваре, ки дар расмҳо акс ёфтаанд.

*Дарси 13*

## КОҒАЗРО АЗ ЧӢ МЕГИРАНД?

*Фикр кунед: барои тайёр кардани китоб чӣ зарур аст?*

Барои ин одамони зиёд лозиманд, ки ҷангал мепарваранд, чӯб тайёр карда, коғаз мегиранд, дар он матни китобҳоро чоп мекунанд. Китобҳои дарсӣ ва дигар китобҳоро тозаву озода нигоҳ доред.




Аҳмад аз хоб бедор шуда дид, ки модараш варақи тақвимро медаронад.

Ӯ ба тааҷҷуб афтод: шумо аз ман надарондани китобро талаб мекунеду аммо худатон варақи тақвимро медаронед.

*Аз рӯзнома.*

# АЗ ПАХТА ЧӢ МЕГИРАНД?

*Дарси 14*

*Дар кишвари мо пахтаро дар куҷо мерӯёнанд? Растании мазкур ба мо чӣ медиҳад? Либоси ту оё аз газвори пахтагин омода шудааст!* ***Нақл кунед.*** Мувофиқи расм ҳикоячое **тахия созед.**





Пахтаро дар Араван, Бозорқӯрғон, Қорасув, Ноокен ва Сӯзак меруёнанд.

Пахта ба мо **нах, равған, кунҷора** ва ҳамчунин **сӯзишворӣ** медиҳад.

*Дарси 15*

## ПАШМ ЧӢ МЕДИҲАД?

*Кадом ҳайвонот пашм медиҳад? Барои чӣ гӯсфандро бонӣ мекунанд? Гӯсфандро чӣ тавр метарошанд ва пашмро аз нав кор менамоянд? Аз пашм барои хонадон чӣ омода месозанд?* ***Нақл намоед.***





Аз калонсолон **бипурсед,** ки қолини миллии қирғиз-ширдак чӣ тавр тайёр мегардад.



# ЧАРМ БА МО ЧӢ МЕДИҲАД?

*Дарси 16*



Пойафзоли ту аз чӣ тайёр шудааст? Чармро барои пойафзол аз чӣ омода месозанд? Аз чарм чиҳо тайёр мекунанд? Аз рӯи расм ҳикоячае таҳия кунед.

*Дарси 17*

## ХОНААМОНРО АЗ ЧӢ МЕСОЗЕМ?

*Дар расмҳо чӣ акс ёфтаанд? Масолеҳро* ***номбар кунед.*** *Чӣ акс ёфтанашро* ***шумуред.*** *Оре, онҳо масолеҳи бинокорианд.*













Одамон дар хонаҳое, ки аз масолеҳи гуногун сохта шудаанд, зиндагонӣ мекунанд. Хонаҳои дар расм аксёфта чӣ гуна фарқият доранд? Нақл кунед. Ибораи «хонаи ту — маъвои ту»-ро чӣ тавр мефаҳмед. Барои чӣ ҳангоми сохтмони хона ба меъморон муроҷиат мекунанд? Дар сохтмони манзил боз киҳо иштирок менамоянд. Нақл кунед.



Аз кадом маснуоти табиӣ қисмҳои юрта омода мегардад? Он дар расм оё акс ёфтааст? Оё ба юрта ворид шудаед?

Кадом ҷиҳозотро пай бурдаед. **Ҳикоя кунед.**



# ТОБИСТОН — РОҲАТИ ҶОН

*(Сайёҳат)*

Дарси 18

***Шеърро бо шарикдарсатон якҷоя хонед. Қофияашро ёбед.***



**Таътили Норӣ**

—Омад тобистони соз,
Таътили дуру дароз.
Бигӯ, Нориҷон, бигӯ.
Чӣ нақшаҳо дорӣ ту?

Нағз медонед шумо,
Айни гармии ҳаво
Истироҳат бояд кард,
Хобу роҳат бояд кард...

*Гулчеҳра Сулаймонова*

**Супориш барои тобистон:** зуҳуроти табиатро **назорра кунед.** Аз маснуоти табиӣ: сангҳои зебо, баргу навдаи растанӣ ва меваҳо барои коркард мавод **ҷамъ оваред.**

# МУНДАРИЧА

**Чоряки I**


**Қирғизистон — Ватани мо** ........ 3
Нишонии шумо ........ 5
Қирғизистон — республикаи соҳибихтиёр ........ 8
**Табиат — олами атрофи мо** ........ 9
Табиат ва ашё ........ 9
Табиати ҷондор ва беҷон ........ 11
Муносибати мо ба табиат ........ 12
Зуҳуроти табиат ........ 13
Фаслҳои сол ........ 15
Ҳаво ва об ........ 17
Обу ҳаво ........ 19
Ҳарорат ва ҳароратсанҷ ........ 21
**Тирамоҳ — фасли неъматбахш** ........ 23
Табиати беҷон дар тирамоҳ ........ 23
Табиати ҷондор дар тирамоҳ ........ 26


**Чоряки II**


**Растаниҳо** ........ 30
Растанӣ ва сохти онҳо ........ 30
Гуногунхелии растаниҳо ........ 31
Дарахтони сӯзанбарг ва паҳнбарг ........ 32
Растаниҳои ёбой ва маданӣ ........ 34
Растаниҳои хонагӣ ........ 36
**Ҳайвонот** ........ 38
Ҳайвоноти ваҳшӣ ва хонагӣ ........ 38
Ҳайвоноти ваҳшӣ ........ 41
Ҳайвоноти хонагӣ ........ 42
Асл — пару бола инсон ........ 45
Саг ва гурба ........ 47
**Табиат дар зимистон** ........ 48
Табиати беҷон дар зимистон ........ 48
Табиати ҷондор дар зимистон ........ 49


**Чоряки III**


**Тандурустӣ ва бехавфӣ** ........
Тандурустӣ ........
Бехавфӣ ........
Бехавфии хонадон ........
Дар об ........
**Муносибати байниҳамдигарӣ дар оила** ........
Зодрӯз ........
Замин ва Офтоб ........
**Баҳор — айёми бедоршавии табиат** ........
Табиати беҷон дар баҳор ........
Табиати ҷондор дар баҳор ........
Паррандагон дар баҳор ........
Паррандагон хонагӣ ........
Паррандагони ёбой ........


**Чоряки IV**


Ҳайвонот дар баҳорон ........
**Ҳаёти халқ** ........
Оғози Ватан — оила ........
Пул ва маркаи Қирғизистон ........
**Боигарӣ** ........
Иқтисодиёт ........
Савдо ........
Шаҳр ва деҳот ........
Олами маҳсулоти кишоварзӣ ........
Нақлиёт ........
**Аз маснуоти табиӣ чиҳоро тайёр мекунанд?** ........
Коғазро аз чӣ мегиранд? ........
Аз пахта чӣ мегиранд, ........
Пашм чӣ медиҳад? ........
Чарм ба мо чӣ медиҳад? ........
Хонаамонро аз чӣ месозем? ........
**Тобистон — роҳати ҷон** ........



**Адилова Гулпери Идирисовна**


ЭҲСОСИ ВАТАН

**Мо ва муҳити атроф**
(ба забони тоҷикӣ)

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 2-юм




Муҳаррир *Э. Нодир*
Мусаввирон: *К. К. Коеналиев, З. М. Қиличбекова, В. И. Кулчиский, Э. Исҳоқов*
Мусаҳҳеҳ *Т. Эҳсон.* Муҳаррири техникӣ *В. В. Крутякова*
Саҳифабанди компутерӣ *Г. Ж. Қулназарова*

Ҳуруфчинӣ гардид: 20.02.2011. Ба чоп супурда шуд: 25.02.2011.
Ҳаҷмаш 5,5 ҷузъи чопӣ. Андозаи 70x100[1]/[16]. Теъдод: 260 нусха. Супориши 87
ИҶС «Учкун», чоп шуд. ш. Бишкек, хиёбони С.Ибраимов, 24.




